**Тадқиқоти Тиббӣ-Демографии**
**Тоҷикистон 2012**

**Ҳисоботи пешакӣ**

**Агентии омори назди назди**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Вазорати тандурустии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

***MEASURE DHS***
***ICF International***

Тадқиқоти Тиббӣ-Демографии Тоҷикистон соли 2012 (ТТДТ-2012) аз тарафи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи июл то сентябри соли 2012 бо дастгирии Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) дар доираи лоиҳаи *MEASURE DHS* гузаронида шуд. *MEASURE DHS* барномае мебошад, ки аз ҷониби USAID маблағгузорӣ карда мешавад, ки ***ICF International*** кӯмакҳои техникӣ ва молиявиро, барои гузаронидани тадқиқоти тиббӣ-демографӣ дар мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон таъмин менамояд. Маблағгузории иловагӣ ва дастгирӣ барои гузаронидани ТТДТ-2012 аз ҷониби Фонди нуфузи аҳолии СММ (UNFPA) ба амал баровarda шуд. Фикрҳои дар нашрияи мазкур баён гардида, на бояд нуқтаи назари USAID ва ё дигар ташкилотҳои донорро инъикос намояд.

Маълумоти иловагиро оид ба ТТДТ аз Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз суроғаи зерин гирифтан лозим аст: ш. Душанбе, кӯчаи Бохтар 17, Тоҷикистон;
телефон: 992-372-23-02-45, факс: 992-372-21-43-75, E-mail: stat@tojikiston.com .

Иттилоотро оид ба лоиҳаи *MEASURE DHS* метавонед аз *ICF International* бо суроғаи*, 11785 Beltsville Drive, Suite 300, Calverton, MD 20705, USA;* тел.: 301-572-0200, факс: 301-572-0999,
E-mail: info@measuredhs.com , Сомона: http://www.measuredhs.com гиред.

# ТАДҚИҚОТИ ТИББӢ-ДЕМОГРАФИИ ТОҶИКИСТОН 2012

## ҲИСОБОТИ ПЕШАКӢ


**Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Душанбе, Тоҷикистон**

**Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Душанбе, Тоҷикистон**

***MEASURE DHS***
***ICF International***
**Calverton, Maryland**
**United States**



**Декабри соли 2012**


USAID
FROM THE AMERICAN PEOPLE

TAJSTAT
Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон

UNFPA

**МУНДАРИҶА**

Саҳифа


ИЗҲОРИ МИННАТДОРӢ ..... vii

I. САРСУХАН ..... 1

II. ГУЗАРОНИДАНИ ТАДҚИҚОТ ..... 2

A. Нақшаи интихоб ва ба амал баровардан ..... 2

B. Саволнома ..... 2

C. Омӯзонидани кормандони саҳроӣ ..... 3

D. Корҳои саҳроӣ ва коркарди маълумотҳо ..... 3

E. Ҳаҷми интихоб ..... 3

III. НАТИҶАҲОИ ПЕШАКИИИ ТТДТ 2012 ..... 5

A. Тавсифи умумии мусоҳибон ..... 5

B. Таваллуд ..... 6

C. Исқоти ҳамл ..... 8

D. Афзалиятнокӣ дар самти таваллуди кӯдак ..... 8

E. Усулҳои муҳофизат аз ҳомилашавӣ (контрасептсия) ..... 9

F. Фавт дар синни кӯдакӣ ..... 11

G. Нигоҳубини модар ..... 13

H. Саломатии кӯдак ..... 15

*Эмкунӣ (ваксинатсия)* ..... 15

I. Ғизои кӯдакон ..... 18

J. ВНМО/ВИЧ/СПИД ..... 23

**ҶАДВАЛҲО ВА РАСМҲО**

Саҳифа


Ҷадвали 1: Натиҷаҳои пурсиши хонаводаҳо ва пурсиши инфиродии занон ........................ 4
Ҷадвали 2: Тавсифи умумии мусоҳибон ........................................................................ 5
Ҷадвали 3: Таваллуди ҷорӣ ........................................................................................ 7
Ҷадвали 4: Коэффитсиенти исқоти ҳамли сунъӣ (индуксионӣ)..................................................8
Ҷадвали 5: Афзалияти кӯдактаваллудкунӣ вобаста аз шумораи кӯдакони зинда ................ 9
Ҷадвали 6: Истифодаи усулҳои ҷории пешгирии ҳомиладорӣ вобаста аз тавсифи асосӣ (омилҳои иҷтимоӣ-биологӣ) ........................................................................................ 10
Ҷадвали 7: Фавт дар синни кӯдакӣ ........................................................................ 12
Ҷадвали 8: Нишондиҳандаҳо оид ба расонидани кӯмакҳои тиббӣ ба модарон........................................................................................................13
Ҷадвали 9: Ваксинатсияҳо вобаста аз тавсифоти асосӣ............................................156

Ҷадвали 10: Муолиҷаи касалии шадиди гузарандаи роҳи нафас, таби баланд (лихорадка) ва дарунравӣ.........................................................................................17
Ҷадвали 11: Мақоми синамаконӣ вобаста ба синни кӯдак.............................................. 19
Ҷадвали 12: Мақоми ғизои кӯдакон ........................................................................ 21
Ҷадвали 13: Донистан дар бораи ВНМО/СПИД ............................................................ 23
Ҷадвали 14: Донистан дар бораи роҳҳои пешгирӣ аз заҳролудшавӣ аз ВНМО ................. 24
Ҷадвали 15: Шарикони зиёди алоқаи ҷинсӣ дар давоми 12 моҳи охир............................. 25

Расми 1: Коэффитсиенти синнусолии таваллуд вобаста аз ҷойи истиқомат дар шаҳр ва ё деҳа...................................................................................................7
Расми 2: Муолиҷаи касалии шадиди гузарондани роҳи нафас, таби баланд (лихорадка) ва дарунравӣ. ................................................................................................ 19
Расми 3: Динамикаи мақоми ғизогирии кӯдакони синни то 5 сола .................................. 23

# ИЗҲОРИ МИННАТДОРӢ

Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарфарозии зиёд натиҷаҳои Тадқиқоти Тиббӣ-Демографии Тоҷикистон дар соли 2012 (ТТДТ-2012)-ро пешниҳод менамояд. Тадқиқоти мазкур бо дастгирии молиявии Агентии Иёлоти Мутаҳидаи Америка оид ба рушди байналмиллалӣ (USAID) гузаронида шудааст. Маблағгузории молиявии иловагӣ аз ҷониби Фонди нуфузи аҳолии СММ дар Тоҷикистон (UNFPA) пешниҳод карда шудааст. ТТДТ-2012 – ин аввалини тадқиқоти тиббӣ-демографӣ (ТТД), дар Тоҷикистон ба амал баровара шуда мебошад.

Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон миннатдории худро ба Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шӯъбаи тадқиқоти Тиббӣ-Демографӣ - *ICF International,* ИМА, ҳамчунин Кумитаи Ҳамоҳангсозии ТТДТ-2012 барои расонидани кӯмаки техникӣ ва дастгирии саривақтӣ барои гузаронидани тадқиқоти мазкур, изҳор менамояд.

Махсусан, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон миннатдории худро ба кормандони зерини лоиҳаи *MEASURE DHS* ва мушовирон барои расонидани кӯмаки техникӣ дар ҳамаи марҳилаҳои коркард ва ба амал барории барномаи тадқиқоти мазкур: доктор Гулнара Семенова, Координатори минтақавӣ дар кишварҳои Аврупо ва Аврупоюосиё ва менеджери барномаи ТТДТ-2012; Алфредо Алиага, Мутахассиси калон оид ба интихоб; Шона Келли, Мутахассис оид ба коркарди маълумотҳо, ҳамчунин Саида Исмоилова, Мушовири тадқиқот, изҳор менамояд.

Мо ҳамчунин мехоҳем миннатдории худро ба ҳамаи кормандони системаи омори Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иштироки фаъолона ва саҳми беандоза барои ба анҷом расонидани барномаи мазкур баён намоем. Зиёда аз 200 кормандони Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, раёсатҳою шӯъбаҳои Агентии омор ва кормандони Маркази Кулли Ҳисоббарорӣ дар тадқиқоти мазкур иштирок намудаанд.

Сипосу миннатдории бепоёни худро ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндагони мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ (Ҳукуматҳо) барои дастгирӣ ва кӯмак расонидан дар ҷараёни гузаронидани тадқиқот, изҳор менамоем.

Аз ҳама бештар ҳамкории ҳамаи мусоҳибони тадқиқоти мазкурро барои бомуваффақият анҷом додани ТТДТ-2012 қадрдонӣ менамоем.

Ҳисоботи Пешакӣ бо саъю кӯшиши якҷояи кормандони Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шӯъбаи Тадқиқоти Тиббӣ-Демографӣ - *ICF International* тайёр карда шудааст.

**Бахтия Муҳаммадиева**
Директори Агентии омори
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Роҳбари Миллии ТТДТ-2012

# I. САРСУХАН

Тадқиқоти Тиббӣ-Демографии Тоҷикистон соли 2012 (ТТДТ-2012) тадқиқоти интихобӣ буда, тавсифи намояндагиро дар сатҳи мамлакат дорад, ки бояд иттилоотро оид ба аҳолӣ ва тандурустӣ дар Тоҷикистон пешниҳод менамояд. ТТДТ-2012 дар доираи барномаи Тадқиқоти Тиббӣ-демографӣ дар Тоҷикистон аввалин бор гузаронида шуд. Тадқиқоти мазкур аз тарафи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (АО) ва Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳҳои июл-сентябри соли 2012 гузаронида шуд. Дастгирӣ барои гузаронидани ТТДТ-2012 аз тарафи Агентии рушди байналмиллалии ИМА ҳамчун қисми лоиҳаи *MEASURE DHS* расонида шуд. Лоиҳаи *MEASURE DHS* барномае мебошад, ки аз тарафи *USAID* бо кӯмаки молиявӣ ва техникии *ICF International* барои ба амал барории тадқиқотҳои вазъи демографӣ ва вазъи тандурустии аҳолӣ дар кишварҳои гуногун маблағгузориро таъмин менамояд.

Фонди нуфузи аҳолии СММ (UNFPA) дар Тоҷикистон маблағгузории иловагиро барои гузаронидани тадқиқоти мазкур пешниҳод намуд.

Барномаи ТТДТ-2012 бо мақсади гирифтани маълумотҳои воқеӣ дар сатҳи умумимиллӣ ва минтақавӣ дар бораи таваллуд ва истифодабарии усулҳои зидди ҳомиладоршавӣ, саломатии модарон ва кӯдакон, фавти кӯдакони навзод ва кӯдакон, зуроварӣ дар оила нисбат ба занҳо, ҳамчунин бохабар будан аз бемориҳои сил (туберкулёз), Вируси Норасоии Масунияти Одам ВНМО/СПИД ва дигар бемориҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда, коркард шудааст. Дар тадқиқот иттилооти пурра дар бораи ин аз занҳои синну соли таваллудкунӣ (репродуктивӣ) гирифта шудааст. Маълумотҳо дар тақсимоти минтақаҳо (вилоятҳо) дар он ҷое, ки интихоб имконият медиҳад, пешниҳод карда мешавад.

Натиҷаҳои ТТДТ-2012 барои таъмин намудани иттилооти зарурӣ, барои баҳодиҳии барномаҳои иҷтимоии амалкунанда, ҳамчунин коркарди стратегияҳои нав оид ба вазъи саломатӣ ва хизматрасонии тиббӣ барои занон ва кӯдакон дар Тоҷикистон муайян карда шудааст. Тадқиқоти мазкур ҳамчунин барои васеъ намудани махзани маълумотҳои демографӣ ва тандурустӣ дар сатҳи байналмиллалӣ, мусоидат менамояд.

Дар ҳисоботи пешакии мазкур натиҷаҳои аввалин аз рӯи мавзуъҳои асосие, ки тадқиқотро фаро гирифтааст, пешниҳод гардидааст. Дар соли 2013 ҳисоботи ҷамъбастӣ нашр карда мешавад. Маълумотҳои дар ҳисоботи пешакӣ овардашуда аз натиҷаҳои ҳисоботи ниҳоии минбаъд нашр шаванда фарқи зиёд намекунанд; новобаста аз ин натиҷаҳои дар ин ҷо пешниҳодгардида пешакӣ ба ҳисоб меравaнд ва метавонанд тағйир ёбанд.

## II. ГУЗАРОНИДАНИ ТАДҚИҚОТ

### A. Нақшаи интихоб ва ба амал барории он

Интихоб барои ТТДТ-2012 ҳамин тарзе сохта шуда буд, то ин ки таҳлили муфассалро бо назардошти баҳодиҳии нишондиҳандаҳои (коэффитсиентҳо) оид ба таваллуд, фавти кӯдакони навзод/кӯдакон, ҳамчунин исқоти ҳамл дар сатҳи умумимиллӣ, дар маҳалҳои шаҳрӣ ва деҳот дар алоҳидагӣ таъмин намояд. Бештари маълумотҳо метавонад дар сатҳи минтақаҳо (вилоятҳо) баҳо дода шавад. Дар вилояти Хатлон, иловатан ба баҳодиҳии нишондиҳандаҳои асосӣ дар сатҳи минтақа, интихоб барои таъмин намудани баҳодиҳии вазъи ғизогирии кӯдакон дар доираи барномаи 'Feed the Future Initiative' (минбаъд 'FTF') барои 12 ноҳияҳои пилотӣ имконият медиҳад.

Дар ТТДТ-2012 интихоби эҳтимолии ваколатӣ (репрезентативӣ) иборат аз 6674 хонавода истифода шудааст. Интихоб дар ду марҳила гузаронида шуда буд. Дар марҳилаи аввал 354 кластер аз ҳисоби номгӯи умумии қитъаҳои баҳисобгирии мавҷудбуда, ки қисми интихоб дар асоси Барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили соли 2010 коркард шуда буд, интихоб карда шуд. Дар марҳилаи дуюм барои ҳар як кластери интихобгардида рӯйхати пурраи хонаводаҳо (листинг) тартиб дода шуд. Баъдан, хонаводаҳо бо мақсади иштирок дар тадқиқот мунтазам интихоб гардиданд.

Ҳамаи занҳои ба синни 15 – 49 сола мувофиқ, ки истиқоматкунандаи доимӣ ҳамин хонавода ва ё ин ки меҳмонҳои шаби гузаштаи пеш аз тадқиқотро дар ҳамин хонаводаи интихобгардида гузаронидаанд, пурсида шудаанд. Умуман дар доираи ТТДТ-2012 бо 9656 зан мусоҳиба гузаронида шуд.

### B. Саволномаҳо

Ҳангоми гузаронидани ТТДТ ду саволнома истифода гардид: саволномаи хонавода ва саволномаи занона (саволномаи инфиродӣ барои зан). Саволномаи хонавода ва саволномаи занона дар асоси саволномаи стандартие, ки дар барномаи байналмиллалии тадқиқоти тиббӣ-демографӣ *MEASURE DHS* қабул гардидааст, тартиб дода шудааст. Саволномаҳои ТТДТ-2012 ба туфайли машваратҳо бо мутахассисони Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шароитҳо ва талаботҳои Тоҷикистон мутобиқ гардонида шудааст. Ғайр аз ин як қатор пешниҳодҳои Агентии рушди байналмиллалии ИМА (USAID), як қатор қисматҳои СММ аз он ҷумла Фонди нуфузи аҳолӣ (UNFPA), ПРООН ва Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ), ҳамчунин дигар созмонҳои байналмиллалӣ ва ғайридавлатӣ (НПО) ба инобат гирифта шудааст. Саволномаҳо дар навбати аввал ба забони англисӣ тартиб дода шуд ва баъдан ба забони тоҷикӣ ва русӣ тарҷума гардонида шуд. Дар моҳи марти соли 2012 корҳои пешакии санҷиши саволномаҳо гузаронида шуд.

Саволномаи хонавода барои тартиб додани рӯйхати аъзоёни хонавода ва меҳмонон дар хонаводаҳои интихобгардида, ҳамчунин ҷамъоварии иттилоот дар бораи вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии хонаводаҳо, муқаррар гардида буд. Қисмати аввали Саволномаи хонавода иттилоотро оид ба синну сол, ҷинс, сатҳи маълумотнокӣ, ҳамчунин муносибати ҳар як аъзои хонавода ва ташрифовардагон ба сардори хонавода ҷамъоварӣ менамояд. Дар асоси ин иттилоот маълумотҳои асосии демографӣ дар бораи хонаводаҳои Тоҷикистон гирифта шуд. Саволномаи хонавода ҳамчунин барои гирифтани иттилооти зарурӣ дар бораи занҳое, ки синну соли мувофиқ барои гузаронидани пурсиши инфиродӣ бо ин занон доранд (яъне, занони синни 15-49 сола) истифода шудааст. Ҳамчунин қисмати аввали Саволномаи хонавода иттилоотро дар бораи дигар хусусиятҳои аъзоёни хонавода ва махсусан вобаста ба бақайдгирии таваллуди ҳар як кӯдак дар бар мегирад. Ғайр аз ин Саволномаи хонавода саволҳои оид ба тавсифи шароити манзили истиқоматӣ (масалан, маводе, ки фарши хона аз он тайёр карда шудааст, манбаи оби нушокӣ ва намуди ҳоҷатхона), мавҷуд будани молҳои гуногуни истеъмолӣ, ҳамчунин дигар саволҳои ба вазъи иқтисодию-иҷтимоии хонаводаҳо алоқамандро, дар бар мегирифт. Ғайр аз ин ба Саволномаи хонавода, маълумотҳо дар бораи натиҷаҳои санҷиши намаке, ки дар хонавода барои тайёр намудани хӯрок истифода бурда мешавад барои муайян намудани мавҷудияти йод дар таркиби он, ҳамчунин чен кардани қад ва вазни кӯдакони синни то 5 сола ва занони синни 15-49 сола, ворид карда шуд.

Саволномаи занона иттилоотро дар бораи занҳои синни 15-49 сола аз рӯи мавзӯъҳои зерин, ҷамъоварӣ намуд:

- Маълумоти умумӣ (тавсифи иҷтимоӣ-демографӣ);
- Таърихи ҳомиладоршавӣ;

- Расонидани кӯмакҳои тиббии давраи ҳомиладорӣ, баъди таваллуди кӯдак ва ҳангоми таваллудкунии кӯдак;
- Доштани маълумот, оид ба муносибат ва истифодаи усулҳои муҳофизат аз ҳомилашавӣ;
- Ҳифзи саломатии репродуктивӣ ва саломатии калонсолон;
- Фавти кӯдакони навзод ва кӯдакон;
- Ҳифзи саломатӣ ва истифодаи захираҳои тиббӣ;
- Эмгузаронии кӯдакони синни то 5 сола;
- Ҳолатҳои бемориҳои сироятии рӯдаҳо ва дигар бемориҳои шамолхурии (респиратори) кӯдакони синни то 5 сола;
- Синамаккони ва ҷудо намудани кӯдак аз сина;
- Ба шавҳар баромадан ва фаъолияти алоқаи ҷинсии ба наздики рӯй дода;
- Муносибат ба таваллудкунии кӯдак;
- Донистан ва муносибат нисбат ба ВНМО ва дигар бемориҳои олоти таносул (венерики);
- Бо хабар будан ва муносибат ба бемории сил;
- Фаъолияти занон ва маълумот дар бораи шавҳари зан;
- Дигар саволҳои ба ҳифзи саломатии занҳо алоқаманд;
- Зуроварӣ дар хона.

### C. Омӯзиши кормандони саҳроӣ

Омӯзиши асосӣ аз тарафи кормандони АО, ВТ ва *ICF International* дар моҳи июни соли 2012 давоми 3 ҳафта гузаронида шуд ва дар семинари омӯзишӣ умуман 100 нафар (78 зан ва 22 мард) супервайзерон, редакторони саҳроӣ, интервюерҳо ва кормандони дигар барои санҷиши сифати маълумотҳо, иштирок намуданд. Ҷараёни омӯзиш бо роҳи хондани лексия шинос намудан тариқи назариявӣ, нишон додани мусоҳиба, машғулиятҳои амалӣ бо гузаронидани пурсишҳо дар гурӯҳҳои хурд, ҳамчунин гузаронидани сессияҳо барои супоридани имтиҳон, иборат буд. Ғайр аз машғулиятҳои аудиторӣ, ҳамаи кормандон аз омӯзиши чен кардани антропометриро гузаштанд ва давоми ду рӯз дар шароити саҳроӣ дониши худро такмил доданд.

### D. Корҳои саҳроӣ ва коркарди маълумотҳо

Дар ҷамъоварии маълумотҳои тадқиқот 14 команда, ки ҳар кадомашон аз 4 зани – интервюер, як редактори саҳроӣ ва як супервайзер, иштирок намуданд. Корҳои саҳроӣ дар аввали моҳи июли соли 2012 оғоз гардида дар охири моҳи сентябри соли 2012 ба анҷом расид.

Кормандони калони техникии ТТДТ мунтазам ба командаҳо дар ҷойҳо бо мақсади гирифтани маълумот дар бораи кори онҳо ва мушоҳидаи сифати саволномаҳои пур кардашуда, ташриф оварданд. Кормандони *MEASURE DHS* низ дар ба амал баровардани назорат ва роҳбарӣ мусоидат намуданд. Ғайр аз ин намояндагони Фонди нуфузи аҳолии СММ дар Тоҷикистон оид ба вазъи фаъолияти командаҳо дар ҷойҳо, ҷамъоварии маълумотҳо, ҳамчунин ҷараёни қадченкунӣ ва вазни занон ва кӯдакони синни то 5 соларо, мушоҳида намуданд.

Коркарди маълумотҳои ТТДТ баъди саршавии корҳои саҳроӣ, оғоз гардида буд. Саволномаҳои аз тарафи интервюерон пур кардашуда мунтазам ба дастгоҳи АО, ки дар шаҳри Душанбе қарор дорад барои воридкунӣ ва санҷиши кормандон барои коркард аз тарафи кормандоне, ки махсусан барои иҷрои ин корҳо омӯзонида шуда буданд, расонида мешуд. Дар ҳайати мутахассисон барои коркарду воридкунии маълумотҳо дохил мешуданд; супервайзер, роҳбар барои санҷиши саволномаҳо (шумораи муайяни саволномаҳоро барои ҳамаи кластерон таъмин менамояд), якчанд редакторон дар идора, 11 операторҳо барои ворид намудани маълумотҳо ва редакторони иловагӣ. Коркарди параллелии маълумотҳо бисёр хуб дар намуди он, ки мутахассисони калони ТТД ба гурӯҳҳои кории саҳроӣ оид ба камбудиҳои ошкоршуда дар вақти ворид намудани маълумотҳо маслиҳатҳо дода мешуд. Бо ҳамин мақсад барои санҷиши параметрҳои гуногуни сифати маълумотҳо ва натиҷаҳо барои таъмини алоқаи қатъии командаҳо бо мақсади баланд бардоштани самаранокии кори кормандони саҳроӣ, ҷадвалҳо ба роҳ монда шуда буд. Раванди воридкунӣ ва санҷиши маълумотҳо дар моҳи ноябри соли 2012 ба анҷом расид.

### E. Ҳаҷми интихоб

Дар ҷадвали 1 иттилоот дар бораи ҳаҷм ва фарогирии пурраи интихоб (фоизи ҷавобдодагон) дар ТТДТ 2012, ҳамчунин шумораи мусоҳибаҳои гузаронидашуда аз рӯи саволномаҳои хонавода ва занона, оварда шудааст. Умуман, барои гузаронидани тадқиқот 6674 хонавода интихоб гардида буд. Аз онҳо ба 6 512 хонавода ташриф оварда шуд ва 6432 хонавода

бомуваффақият пурсида шуданд, ки қариб 99 фоизро ташкил доданд. Дар хонаводаҳои пурсидашуда 9794 занҳои мувофиқ барои гузаронидани пурсиши инфиродӣ, яъне занҳои синни 15-49 сола, ки дар хонаводаи мазкур истиқоматкунандаи доимӣ мебошанд ё ин ки меҳмон буданд ва шаби гузаштаро дар ҳамин хонавода гузаронидаанд, пайдо гардиданд. Нишондиҳандаи умумии занҳои мусоҳибгардида 99 фоизи ин занҳоро ташкил доданд.

Ҷадвали 1: Натиҷаҳои пурсиши хонаводаҳо ва мусоҳибаи инфиродии занон

Шумораи хонаводаҳое, ки пурсиш гузаронида шуд ва ҳиссаи ҷавобдодагон вобаста аз ҷойи истиқомат (барнакашидашуда), Тоҷикистон соли 2012.

| | Ҷойи истиқомат | | |
|---|---|---|---|
| | Шаҳр | Деҳа | Ҳамагӣ |
| **Пурсиши хонавода** | | | |
| Хонаводаҳои интихобгардида, адад | 2835 | 3839 | 6674 |
| Хонаводаҳое, ки дар онҳо истиқомат мекунанд,адад | 2732 | 3780 | 6512 |
| Хонаводаҳои пурсидашуда, адад | 2675 | 3757 | 6432 |
| Пурсидашудагон бо фоиз [1], % | 97,9 | 99,4 | 98,8 |
| **Мусоҳибаи занони синни 15-49 сола** | | | |
| Шумораи занони ба талабот мувофиқ, нафар | 3443 | 6351 | 9794 |
| Шумораи занони пурсидашудаи ба талабот мувофиқ, нафар | 3408 | 6248 | 9656 |
| Фоизи занони ба талабот мувофиқи пурсидашуда [2], % | 99,0 | 98,4 | 98,6 |

[1] Хонаводаҳои пурсидашуда/хонаводаҳои дар онҳо истиқоматкунанда

[2] Мусоҳибони пурсидашуда/мусоҳибони ба талабот мувофиқ

## III. НАТИҶАҲОИ ПЕШАКИИ ТТДТ 2012

### A. Тавсифоти умумии мусоҳибон

Дар ҷадвали 2 маълумотҳо дар бораи тақсимоти занҳо дар синни 15-49 солаи дар ТТДТ-2012 мусоҳиба гузаронидашуда аз рӯи тавсифоти умумии интихобгардида, оварда шудааст. Тақсимот аз рӯи синну соли аҳолии тадқиқшуда бо нишондиҳандаҳои аҳолӣ аз ҳисоби занони синни 15-49 сола, ки Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1 январи соли 2012 ҳисоб намудааст, мувофиқат мекунад. Инъикоси нисбатан баланди нишондиҳандаҳои таваллуд дар Тоҷикистон дар гузашта, аз нисф зиёди занони синни 15-49 сола (58 фоиз) дар синни то 30 сола қарор доранд.

Ҷадвали 2: Тавсифи умумии мусоҳибон

Фоизи тақсимоти занон дар синни 15-49 сола аз рӯи тавсифотҳои асосӣ, Тоҷикистон соли 2012.

| Тавсифоти асосӣ | Фоизҳои баркашида | Шумораҳои баркашида | Шумораҳои барнакашида |
|---|---|---|---|
| **Синну сол** | | | |
| 15-19 | 20,8 | 2,013 | 2,001 |
| 20-24 | 20,2 | 1,950 | 1,900 |
| 25-29 | 16,7 | 1,609 | 1,566 |
| 30-34 | 12,3 | 1,188 | 1,173 |
| 35-39 | 10,7 | 1,030 | 1,084 |
| 40-44 | 10,3 | 991 | 1,018 |
| 45-49 | 9,1 | 875 | 914 |
| **Вазъи оилавӣ** | | | |
| Ҳеҷ вақт дар никоҳ набуд | 27,4 | 2,648 | 2,723 |
| Дар никоҳ аст | 67,1 | 6,483 | 6,364 |
| Якҷоя зиндагӣ мекунанд | 0,2 | 21 | 24 |
| Ҷудошуда/алоҳида зиндагӣ мекунад | 2,9 | 275 | 301 |
| Бева | 2,4 | 229 | 244 |
| **Ҷойи истиқомат** | | | |
| Шаҳр | 25,0 | 2,413 | 3,408 |
| Деҳа | 75,0 | 7,243 | 6,248 |
| **Минтақаҳо** | | | |
| ВМКБ [1] | 2,3 | 220 | 1,069 |
| Вилояти Суғд | 29,7 | 2,872 | 2,084 |
| Вилояти Хатлон | 35,7 | 3,444 | 2,436 |
| ш. Душанбе | 9,1 | 881 | 1,733 |
| НТҶ [2] | 23,2 | 2,240 | 2,334 |
| **Ноҳияхои пилоти *FTF*[3]** | 14,1 | 1,364 | 1,051 |
| **Маълумотнокӣ** | | | |
| Маълумот надорад | 2,0 | 195 | 155 |
| Ибтидоӣ | 3,9 | 372 | 330 |
| Асосӣ | 34,7 | 3,349 | 3,095 |
| Миёнаи асосӣ | 46,3 | 4,474 | 4,373 |
| Ибтидоии касбӣ | 2,6 | 252 | 276 |
| Миёнаи касбӣ | 4,1 | 394 | 481 |
| Олӣ | 6,4 | 620 | 946 |
| Ҳамагӣ | 100,0 | 9,656 | 9,656 |

Эзоҳ: гурӯҳҳи маълумотнокӣ ба сатҳи аз ҳама баландтарини сатҳи маълумотнокии гирифташуда ва ташриф овардан тааллуқ дорад.
[1]Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон
[2]Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ
[3]Маълумотҳо дар асосӣ маълумотҳои гирифташуда аз хонаводаҳои дар 35 кластери интихобгардида аз 12 ноҳияи пилотии вилояти Хатлон дар доираи барномаи ташаббусии «Накормим будущее» гирифта шудааст

Дар айни замон аз ду се ҳиссаи занон (67 фоиз) шавҳар доранд ва ё бо касе зиндагӣ мекунанд, бештари онҳо дар никоҳи расмӣ мебошанд; ҳиссаи занони бо ягон мард якҷоя зиндагонӣ мекарда, нисбатан кам мебошад (камтар аз 1 фоиз). Панҷ фоизи занон ҷудо шудаанд, алоҳида зиндагӣ мекунанд ва ё бева мебошанд.

Бештари занон-мусоҳибон (75 фоиз) дар деҳот зиндагонӣ мекунанд. Фоизи тақсимоти занҳои пурсидашуда мувофиқи ҷои истиқомат бо тарзи зерин омадааст: 36 фоиз дар вилояти Хатлон, 30 фоиз – дар вилояти Суғд, 23 фоиз – дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (НТҶ), 9 фоиз дар шаҳри Душанбе ва 2 фоиз дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон. Тақсимоти мусоҳибони

ТТДТ-2012 бо маълумотҳои Агентии омор, нишондиҳандаҳои занони синни 15-49 сола дар Тоҷикистон мувофиқат мекунад (АО 2012).

Дар Тоҷикистон занҳо, умуман маълумоти хуб доранд, танҳо 2 фоизи мусоҳибони ТТДТ тамоман ягон вақт ба мактаб нарафтаанд, дар ҳоле, ки 81 фоизи мусоҳибон-занон маълумоти асосӣ ва ё миёнаи умумӣ доранд. Ҳафт фоиз маълумоти ибтидоии касбӣ ва ё миёнаи касбӣ ва 6 фоизи дигар маълумоти олӣ доштанд.

Бояд қайд намоем, ки низоми таҳсилотӣ дар Тоҷикистон якчанд марҳилаҳои тағйирёбии сохториро дар давоми якчанд даҳсолаҳои охир гузаштааст. Низоми расмии таҳсилотии амалкунанда аз моҳи сентябри соли 1990 ҷорӣ гардидааст. Дар низоми нав, таҳсилоти заминавии асосӣ аз синфи 1-9, ба ҷои синфи 1-8, ба монанди низоми пештара; мактаби миёна аз синфи 10-11 иборат аст, ба ҷои синфи 9-10, мисли низоми пештара. Дар ТТДТ соли 2012, занҳое, ки синфи 9-ро хатм кардаанд ва дар моҳи августи соли 1989 дар синни 15 сола ва калонтар буданд, ба гурӯҳи таҳсилоти миёнаи умумӣ дохил карда шуданд, барои он ки онҳо синфи 9-ро хатм кардаанд, пеш аз он ки ба низоми ҷории таҳсилот тағйиротҳо ворид карда шуд. Занҳое, ки дар ҷараёни гузаронидани пурсиш ҷавоб доданд, ки онҳо синфи 9-ро хатм кардаанд ва дар моҳи августи соли 1989 ӯ 14 сола ва ё аз ин гурӯҳи синну сол хурдтар буд, ба гурӯҳи таҳсилоти миёнаи асосӣ/заминавӣ, мувофиқи низоми нав дохил карда шуданд.

## B. Таваллуд

Ҳар як зани мусоҳибе, ки дар ТТДТ 2012 пурсида шуда буд, ҳамчунин хоҳиш карда шуд, ки дар бораи таърихи давраи ҳомиладорӣ ва баъди таваллуди кӯдак (репродуктивӣ) маълумот пешниҳод намояд. Ҳангоми ҷамъоварии ин маълумотҳо, ба занҳо саволҳо дар бораи шумораи аниқи кӯдакони зиндатаваллудшудаи бо онҳо якҷоя ва ё ҷудо истиқоматкунанда ва шумораи кӯдакони таваллудшуда ва баъдан фавтида вобаста ба ҷинси он бо мақсади гирифтани маълумот дар бораи шумораи умумии кӯдакони зиндатаваллудшуда дар давоми ҳаёти худ, дода шуд. Иловатан ба маълумот дар бораи зиндатаваллудшудагон, ба ҳамаи занон саволҳо дар бораи ҳамаи ҳомилаҳои дар давоми ҳаёташ дошта, ки бо таваллуди кӯдаки зинда анҷом наёфтааст, бо мақсади гирифтани маълумоти умумӣ дар бораи шумораи исқоти ҳамл, бачапартоӣ, ҳамчунин шумораи муртаваллудшудагон, дода шудааст.

Баъди гирифтани ин нишондиҳандаҳои ҷамъбастӣ, маълумотҳо дар бораи таърихи ҳомиладорӣ ҷамъоварӣ гардид. Маълумот дар бораи ҳамаи ҳолатҳои ҳомиладории занҳо-мусоҳибон, бо ҳамон тартибе, ки онҳо ба амал омадаанд, сар карда аз ҳомилашавии якум, ҷамъоварӣ карда шуд. Дар бораи ҳар як ҳомиладорие, ки бо таваллуди кӯдаки зинда анҷом ёфтааст, маълумот аз рӯи ҷинс, мақоми зиндамонӣ дар синни ҷорӣ (барои кӯдакони зинда) ва ё синну сол дар лаҳзаи фавт (барои кӯдакони фавтида), ҷамъоварӣ карда шудааст. Аз рӯи ҳар як ҳолати ҳомиладорие, ки бо таваллуди кӯдаки зинда анҷом наёфтааст, маълумотҳо дар бораи моҳ ва соли анҷомёбии ҳомиладорӣ, ҷамъоварӣ карда шудааст. Дар бораи таваллуд ва қатъ гардонидани ҳомиладорӣ, ки дар давоми панҷсоли охири пеш аз гузаронидани тадқиқот вуҷуд дошт (масалан, аз моҳи январи соли 2007 ва баъдтар), дар Тақвим[1] давомнокии ҳомиладорӣ сабт гардида буд.

[1] Дар Тақвим, ки дар қисмати алоҳида дар охири саволномаи занона омадааст, маълумотҳо дар бораи санаи ҳамаи таваллудҳои кӯдакони зиндатаваллудшуда, ҳамчунин ҳомиладорӣ ва истифодаи усулҳои нигоҳдории ҳомиладорӣ (контрасепсия) оварда шудааст. Тақвим соли тадқиқот то моҳи охири корҳои саҳроӣ, ҳамчунин панҷсоли пеш аз гузаронидани тадқиқотро дар бар мегирад. Барои ТТДТ-2012, Тақвим аз соли 2007 оғоз мегардад.

Маълумотҳои аз таърихи ҳомиладорӣ гирифташуда барои ҳисоб кардани ду нишондиҳандаи бештар маъмул истифодашавандаи таваллуди ҷорӣ: коэффитсиенти маҷмӯии таваллуд КМТ ва қисматҳои он - коэффитсиентҳои синнусолии таваллуд. КМТ ҳамчун шумораи умумии кӯдакон, ки зан дар давоми тамоми умри худ бо нигоҳ доштани имконияти ҳамин коэффитсиенти синнусолии таваллуд дар тамоми синнусолии қобилияти таваллудкунии худ тавсиф карда мешавад.

Ҷадвали 3 нишон медиҳад, ки аз рӯи маълумотҳои ТТДТ-2012, КМТ дар давоми се соли охири пеш аз гузаронидани тадқиқот (яъне тақрибан аз моҳҳои июл-сентябри соли 2010 то моҳҳои июл-сентябри соли 2012) ба як зан 3,8 кӯдак рост меояд. КМТ дар байни занони деҳот (3,9 кӯдак ба як зан) нисбат ба занони шаҳр (3,3 кӯдак ба як зан) зиёдтар аст.

Ҷадвали 3 ва Расми 1 нишон медиҳад, ки дар сатҳи умумимиллӣ коэффитсиенти синнусолии таваллуд дар байни занони синни 15-19 сола (54 ба 1000) нисбатан пастар мебошад ва аз ҳама баландтар дар байни занони синни 20-24 сола (253 ба 1000) мебошад, дар байни занони синни 25-29 сола низ ин нишондиҳанда нисбатан баланд боқӣ мемонад (216 ба 1000) ва дар гурӯҳҳои синнусолии калонтар ин нишондиҳанда тез паст мешавад. Коэффитсиенти синнусолии таваллуд дар байни занони деҳот нисбат ба занони шаҳрии дар синни қобилияти таваллудкунӣ буда, баландтар аст. Нисбатан фарқияти баланд вобаста аз маҳалҳои шаҳр ва деҳот дар Коэффитсиенти синнусолии таваллуд (34 таваллуд ба 1000 зан) дар синнусоли гурӯҳҳои синнусолии 25-29 сола мушоҳида карда мешавад.

Ҷадвали 3: Таваллуди ҷорӣ

Коэффитсиенти синнусолӣ ва маҷмӯии таваллуд (КМТ), коэффитсиенти умумии таваллуд (КУТ) ва шумораи таваллуд-шудагон дар давоми 3 соли охири пеш аз тадқиқот вобаста ба ҷойи истиқомат, Тоҷикистон 2012.

| Гурӯҳҳои синнусоли, сол | Ҷойи истиқомат | | |
|---|---|---|---|
| | Шаҳр | Деҳа | Ҳамагӣ |
| 15-19 | 52 | 54 | 54 |
| 20-24 | 230 | 259 | 253 |
| 25-29 | 190 | 224 | 216 |
| 30-34 | 116 | 148 | 139 |
| 35-39 | 58 | 73 | 69 |
| 40-44 | 7 | 24 | 19 |
| 45-49 | 1 | 3 | 2 |
| КМТ (15-49) | 3,3 | 3,9 | 3,8 |
| КУТ (15-44) | 113 | 141 | 134 |
| ШТ | 28,9 | 35,6 | 33,9 |

Эзох: Коэффитсиентҳои синнусолии таваллуд ба 1000 зан ҳисоб карда шудааст. Коэффитсиентҳо барои гурӯҳҳои синнусолии занони 45-49 сола аз ҳисоби яклухт кардани нишондиҳанда он қадар фарқият намекунад. Коэффитсиентҳо барои давраи аз 1-36 моҳи пеш аз тадқиқотро дар бар мегирад.
КМТ: коэффитсиенти маҷмӯии таваллуд ба як зан ҳисоб карда шудааст.
КУТ: Коэффитсиенти умумии таваллуд ба як зани синни 15-44 сола.
ШТ: Шумораи таваллулшудагон, ба ҳазор нафар.

**Расми 1 Коэффитсиенти синнусолии таваллудкунӣ, вобаста ба маҳалли истиқомат дар шаҳр ва ё деҳот**

Таваллуд ба 1000 зан, ТТДТ 2012



Нишондиҳандаҳои таваллуди тадқиқоти ТТДТ 2012-ро метавонем бо натиҷаҳои нишондиҳандаҳои тадқиқотҳои охири ТТД гузаронидаи кишварҳои ҳамсоя метавонем муқоиса намоем. КМТ (3,8 кӯдак ба як зан) дар Тоҷикистон аз нишондиҳандаҳои аз Тадқиқоти фавти модарони дар соли 2010 дар Афғонистон гузаронидашуда (5,1 кӯдак) ва ТТД дар соли 2006 дар Покистон гузаронидашуда (4,1 кӯдак) нисбатан пасттар мебошад, лекин ин нишондиҳанда нисбат ба дигар тадқиқотҳои ТТД гузаронидашуда дар Озарбойҷон дар соли 2006 (2,0 кӯдак) ва дар Арманистон дар соли 2010 (1,7 кӯдак) баландтар мебошад. (*APHI* / ВТ [Афғонистон] ва дигар, с. 2011;. *NIPS* [Покистон] ва *Macro International Inc,* 2008 г.; *SSC* [Озарбойҷон] ва *Macro International Inc*, 2008 с.;. *NSS* [Арманистон] ва др. 2012 с.).

## C. Исқоти ҳамл

Чӣ тавре дар боло нишон дода шудааст, маълумот дар бораи исқоти ҳамли индуксионӣ (сунъӣ) аз қисмати саволномаи занона вобаста ба таърихи ҳомиладорӣ ҷамъоварӣ гардидааст. Коэффитсиенти синнусолии исқоти ҳамли индуксионӣ (сунъӣ) ва коэффитсиенти маҷмӯии исқоти ҳамл (КМИҲ) ҳамон тарзе коэффитсиенти таваллуд ҳисоб карда шудааст, ҳисоб карда шудааст. Таҳти КМИҲ шумораи исқотҳои ҳамле, ки зан метавонист дар давоми тамоми умри худ дошта бошад, агар ҳамин коэффитсиенти индуксионии (сунъӣ) исқоти ҳамл дар давоми коэффитсиенти индуксионии (сунъӣ) исқоти ҳамли дар давраи қобилияти таваллудкунӣ доштаашро, яъне синни кӯдактаваллудкуниро, нигоҳ дошта тавонад.

Ҷадвали 4 Коэффитсиенти исқоти ҳамли сунъӣ (индуксионӣ)

Коэффитсиенти индуксионии исқоти ҳамл (ба 1000 зан), коэффитсиенти маҷмӯии исқоти ҳамл (КМИҲ), коэффитсиенти умумии исқоти ҳамл (КУИҲ), дар давоми 3 соли гузашта, вобаста аз ҷои истиқомат, Тоҷикистон 2012.

| Гурӯҳҳои синну соли | Ҷойи истиқомат: Шаҳр | Деҳа | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|
| 15-19 | 1.0 | 1.0 | 1.0 |
| 20-24 | 17.0 | 9.0 | 11.0 |
| 25-29 | 28.0 | 20.0 | 21.0 |
| 30-34 | 30.0 | 20.0 | 23.0 |
| 35-39 | 30.0 | 25.0 | 26.0 |
| 40-44 | 8.0 | 9.0 | 9.0 |
| 45-49 | 2.0 | 5.0 | 4.0 |
| КМИҲ (15-49) | 0.6 | 0.4 | 0.5 |
| КУИҲ (15-44) | 18.0 | 12.0 | 14.0 |

КМИҲ: Коэффитсиенти маҷмӯии исқоти ҳамл (барои занони синни 15-49 сола) ба як зан
КУИҲ: Коэффитсиенти умумии исқоти ҳамл (шумораи исқоти ҳамли индуксионӣ (сунъӣ, ба шумораи занони синни 15-44 сола тақсим карда шуда) ба 1000 зан

Дар ҷадвали 4 маълумотҳо оид ба КМИҲ ва коэффитсиенти синнусолии исқоти ҳамли индуксионӣ дар давраи се соли охири то ТТДТ (яъне аз миёнаи соли 2010 то миёнаи соли 2012) оварда шудааст. Дар Тоҷикистон КМИҲ дар давраи мазкур 0,5 исқоти ҳамл ба як занро ташкил дод. Коэффитсиенти синнусолӣ дар миёни занони синни 15-19 ва 20-24 сола буда нисбатан пасттар мебошад, дар байни занони синни 25-29 сола, 30-34 сола ва 30-35 сола, қуллаи баландтаринро мегирад (мутаносибан 21,23 ва 26 ба 1000 зан) ва дар гурӯҳҳои синнусолии калонтар пасттар мегардад. Умуман ин нишондиҳанда дар шаҳрҳо, махсусан дар миёни занони ҷавон, баландтар мебошад.

Нишондиҳандаи КМИҲ дар Тоҷикистон, нисбат ба тадқиқотҳои ТТД- и ба наздики дар дигар кишварҳои собиқи Иттиҳоди Шӯравӣ гузаронида шудааст, пасттар мебошад, аз он ҷумла: Арманистон (0,8 исқоти ҳамл ба як зан) дар соли 2010, Озарбойҷон (2,3) дар соли 2006 , Молдавия (1,1) дар соли 2005 ва Ӯзбекистон (0,95) дар соли 2002, вале нисбатан наздиктар ба нишондиҳандаҳо КМИ Украина (0,4) дар соли 2007. (NSS [Арманистон] ва др., 2012г.; SSC [Озарбойҷон] ва *Macro International Inc*, с. 2008.; (NCPM) [Молдавия] ва *ORC Макро*, с. 2006.; Маркази иттилоотӣ-таҳлилӣ [Ӯзбекистон] ва др., с.2004.;. UCSR [Украина] ва др., с. 2008).

## D. Афзалият дар самти кӯдактаваллудкунӣ

Маълумотҳо нисбат ба беҳтар донистани нияти Занони тоҷик ба таваллуди кӯдак, бо роҳи гузаронидани пурсиш бо мусоҳибон гирифта шудааст: оё онҳо мехоҳанд боз як кӯдак дошта бошанд ва агар ҷавоби ҳа бошад, пас аз чанд вақт таваллуд шудани онро афзал мешуморанд. Дар ҷадвали 5 нишон дода шудааст, ки бештари занони шавҳардори тоҷик хоҳиши дар оянда кӯдактаваллудкунии худро таҳти назорат гирифтанро изҳор намудаанд; аз даҳ мусоҳиб чор нафар (43 фоиз) хоҳиши дигар кӯдак доштанро надоранд ва ё ин ки ҷароҳӣ барои стерилизатсияро анҷом додаанд (1 фоиз), 19 фоиз хоҳиши таваллуди кӯдакро ба муддати 2 сол ва ё зиёдтар дертар партофтанро изҳор намудаанд. Танҳо 17 фоизи занон хоҳиши таваллуди дигар кӯдакро дар вақтҳои наздик (дар давоми 2 соли наздик) изҳор намудаанд. Хоҳиши маҳдуд намудани таваллудкунӣ аз вобаста аз шумораи кӯдакони зинда зиёд мешавад. Масалан, қисми бештари занони шавҳардори дар лаҳзаи пурсиш кӯдак надошта хоҳиши таваллуди кӯдакро изҳор намудаанд; тақрибан аз панҷ чор нафари занони кӯдак надошта (78 фоиз) ҷавоб доданд, ки дар вақтҳои наздик хоҳиши таваллуди кӯдакро доранд. Аз тарафи дигар, аз нисф зиёди занони се кӯдак дошта, хоҳиши дигар кӯдак таваллуд карданро надоранд. Чунин ҳолатҳо дар миёни занони панҷ ва шаш ва ё зиёда аз ин кӯдак доштагон низ мушоҳида гардидааст.

Ҷадвали 5 Афзалияти кӯдактаваллудкунӣ вобаста аз шумораи кӯдакони зинда

Тақсимоти фоизии занони шавҳардори синни 15-49 сола аз рӯи хоҳиши доштани кӯдак, вобаста аз шумораи кӯдакони зиндаи мавҷудбуда, Тоҷикистон 2012

| | Шумора кӯдакони зинда [1] | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Хоҳиши таваллуди кӯдак | 0 | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6+ | Ҳамагӣ |
| Ҳоҳиши таваллуди боз як кӯдаки дигарро дар вақтҳои наздик доранд[2] | 77,7 | 32,5 | 16,6 | 7,0 | 3,5 | 2,3 | 1,4 | 16,9 |
| Хоҳиши таваллуди боз як кӯдаки дигарро дертар доранд[3] | 3,2 | 46,8 | 32,1 | 13,9 | 4,2 | 4,2 | 2,4 | 18,9 |
| Хоҳиши таваллуди боз як кӯдакро доранд, вале ҳозир намедонад баъди чанд вақт | 2,9 | 3,1 | 2,3 | 0,7 | 0,3 | 0,9 | 0,5 | 1,5 |
| Ба як қарор наомадааст | 1,5 | 9,8 | 18,5 | 16,6 | 11,3 | 6,9 | 6,0 | 12,2 |
| Хоҳиши дигар кӯдак доштанро надоранд | 0,7 | 2,1 | 26,7 | 54,7 | 73,3 | 77,2 | 80,7 | 43,4 |
| Стерилизатсия карда шудаанд | 0,0 | 0,3 | 0,1 | 0,9 | 1,2 | 0,3 | 1,3 | 0,6 |
| Ҳомиладор шуда наметавонад (безурёт) | 13,5 | 5,1 | 3,8 | 5,9 | 6,1 | 8,3 | 7,7 | 6,3 |
| Нишон надодаанд | 0,5 | 0,1 | 0,0 | 0,2 | 0,2 | 0,0 | 0,0 | 0,1 |
| Ҳамагӣ | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 |
| Шумораи занон | 479 | 1,044 | 1,410 | 1,388 | 1,004 | 650 | 529 | 6,504 |

[1]Шумораи кӯдакони зинда ҳомиладории ҷориро низ дар бар мегирад
[2] Таваллуди кӯдаки ояндаро дар давоми 2 соли оянда хоҳиш доранд
[3] Мехоҳанд таваллуди кӯдакро ба 2 сол ва ё зиёдтар қафо партоянд

## E. Усулҳои пешгирии ҳомиладорӣ

Дар ТТДТ 2012 иттилоот дар бораи бохабар будан ва истифодаи усулҳои пешгирии ҳомиладорӣ ҷамъоварӣ карда шудааст. Бо мақсади гирифтани ин маълумотҳо, интервюер бо овози шунаво усулҳои муайяни пешгирии ҳомиладориро мехонад ва аниқ менамояд, ки мусоҳиб аз ҳамин усул бохабар аст ё не. Баъди он мусоҳибро дар бораи истифодабарии ӯ (ва ё шарикаш) ягон усули муайянро айни замон пурсида мешавад. Мусоҳибоне, ки ягон усулро истифода намебаранд, саволҳо оид ба ягон вақт усулҳои пешгирии ҳомиладориро истифода бурдааст, дода мешавад. Бо мақсади таҳлил, усулҳои пешгирии ҳомиладорӣ дар ҷадвал ба ду гурӯҳ тақсим карда шудаанд: муосир (замонавӣ) ва анъанавӣ. Усулҳои замонавӣ стерилизатсияи занона, стерилизатсияи мардона, ҳабҳо (таблеткаҳо) бар зидди хомилашавӣ, маводҳои дохилибачадон (ВМС), рифола, кафк (пену/желе) ва ё усули ширмаконӣ (усули лактатсионнии аменореи (ЛАМ))-ро дар бар мегирад. Усулҳои анъанавӣ бошад, усулҳои тақвимӣ (давра ба давра худро нигоҳ доштан), қатъ кардани алоқаи ҷинсӣ ва дигар усулҳои анъанавиро, дар бар мегирад.

Ҷадвали 6 Истифодаи усулҳои ҷории пешгирии ҳомиладорӣ вобаста аз тавсифи асосӣ (омилҳои иҷтимоӣ-биологӣ)

Тақсимоти занони шавҳардор айни замон занони синни 15-49 сола, бо назардошти айни замон истифода бурдани усулҳои пешгирии ҳомиладорӣ, вобаста аз тавсифоти асосӣ, Тоҷикистон 2012

| Тавсифоти асосӣ | Ҳаргуна усул | Ҳаргуна усулҳои замонавӣ | Усулҳои замонавӣ: Стерилизатсияи занона | Спирал ВМС | Ҳабҳо (Таблеткаҳо) | Тазъриқ (Инекспя) | Имплантаты | Рифолаи мардона | Маводи синамаконӣ МЛА | Кафк/дигар | Ҳамагуна усулҳои анъанавӣ | Усулҳои анъанавӣ: Усулҳои тақвимӣ | Алоқаи чинсии қатъгардонидашуда | Дигар | Айни замон истифода намебарад | Ҳамагӣ | Шумораи занҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Синну сол** | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 15-19 | 2.4 | 1.8 | 0.0 | 0.9 | 0.0 | 0.0 | 0.0 | 0.4 | 0.5 | 0.0 | 0.6 | 0.0 | 0.6 | 0.0 | 97.6 | 100.0 | 266 |
| 20-24 | 9.9 | 9.5 | 0.0 | 6.8 | 0.9 | 0.3 | 0.1 | 1.2 | 0.2 | 0.0 | 0.4 | 0.0 | 0.4 | 0.0 | 90.1 | 100.0 | 1,320 |
| 25-29 | 26.6 | 24.8 | 0.3 | 19.6 | 1.8 | 0.5 | 0.1 | 2.4 | 0.1 | 0.0 | 1.8 | 0.0 | 1.7 | 0.1 | 73.4 | 100.0 | 1,332 |
| 30-34 | 40.9 | 37.4 | 0.8 | 25.2 | 4.4 | 2.9 | 0.0 | 4.0 | 0.0 | 0.1 | 3.5 | 0.1 | 3.4 | 0.0 | 59.1 | 100.0 | 1,014 |
| 35-39 | 46.5 | 43.9 | 1.1 | 30.3 | 4.6 | 4.1 | 0.0 | 3.6 | 0.0 | 0.1 | 2.7 | 0.5 | 2.1 | 0.0 | 53.5 | 100.0 | 923 |
| 40-44 | 37.8 | 34.6 | 1.0 | 25.0 | 2.6 | 3.8 | 0.0 | 2.3 | 0.0 | 0.0 | 3.1 | 0.1 | 2.9 | 0.1 | 62.2 | 100.0 | 879 |
| 45-49 | 19.4 | 17.0 | 1.0 | 12.9 | 0.5 | 2.1 | 0.0 | 0.5 | 0.0 | 0.0 | 2.4 | 0.2 | 2.1 | 0.1 | 80.6 | 100.0 | 770 |
| **Ҷойи истиқомат** | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Шаҳр | 31.5 | 29.0 | 0.6 | 20.5 | 3.3 | 1.1 | 0.0 | 3.2 | 0.0 | 0.1 | 2.5 | 0.2 | 2.1 | 0.2 | 68.5 | 100.0 | 1,571 |
| Деҳа | 26.8 | 24.8 | 0.6 | 17.9 | 2.0 | 2.3 | 0.1 | 1.9 | 0.1 | 0.0 | 1.9 | 0.1 | 1.9 | 0.0 | 73.2 | 100.0 | 4,933 |
| **Минтақаҳо** | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| ВМКБ | 35.0 | 34.9 | 0.0 | 23.8 | 2.5 | 5.6 | 0.0 | 3.0 | 0.0 | 0.0 | 0.2 | 0.0 | 0.2 | 0.0 | 65.0 | 100.0 | 129 |
| Вилояти Суғд | 35.3 | 30.7 | 0.7 | 22.9 | 2.0 | 2.2 | 0.0 | 2.6 | 0.3 | 0.0 | 4.6 | 0.2 | 4.4 | 0.0 | 64.7 | 100.0 | 2,022 |
| Вилояти Хатлон | 23.8 | 22.9 | 0.4 | 15.4 | 2.5 | 2.9 | 0.1 | 1.5 | 0.0 | 0.0 | 0.9 | 0.0 | 0.9 | 0.0 | 76.2 | 100.0 | 2,249 |
| ш.Душанбе | 31.7 | 28.7 | 0.5 | 19.6 | 2.7 | 0.1 | 0.0 | 5.2 | 0.1 | 0.5 | 3.0 | 0.5 | 2.0 | 0.5 | 68.3 | 100.0 | 559 |
| НТҶ | 22.3 | 22.0 | 0.7 | 16.6 | 2.2 | 0.8 | 0.0 | 1.7 | 0.0 | 0.0 | 0.4 | 0.0 | 0.4 | 0.0 | 77.7 | 100.0 | 1,546 |
| **Таҳсилот** | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Маълумот надорад/ибтидоӣ | 20.5 | 19.9 | 0.0 | 15.4 | 0.5 | 2.8 | 0.4 | 0.9 | 0.0 | 0.0 | 0.6 | 0.0 | 0.6 | 0.0 | 79.5 | 100.0 | 356 |
| Миёнаи асосӣ | 21.8 | 20.0 | 0.4 | 14.4 | 1.9 | 1.3 | 0.0 | 1.9 | 0.1 | 0.0 | 1.8 | 0.0 | 1.7 | 0.0 | 78.2 | 100.0 | 2,016 |
| Миёнаи умумӣ | 30.0 | 28.0 | 0.8 | 20.0 | 2.7 | 2.5 | 0.0 | 1.9 | 0.1 | 0.0 | 2.0 | 0.1 | 1.9 | 0.0 | 70.0 | 100.0 | 3,260 |
| Ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ | 34.1 | 30.2 | 0.3 | 22.9 | 2.5 | 2.0 | 0.3 | 2.1 | 0.0 | 0.1 | 3.9 | 0.5 | 3.4 | 0.0 | 65.9 | 100.0 | 475 |
| Олӣ | 40.7 | 37.4 | 0.5 | 25.1 | 2.8 | 0.5 | 0.0 | 8.0 | 0.1 | 0.2 | 3.3 | 0.4 | 2.6 | 0.2 | 59.3 | 100.0 | 397 |
| **Шумораи кӯдакони зинда** | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 0 | 0.1 | 0.1 | 0.0 | 0.0 | 0.0 | 0.0 | 0.0 | 0.1 | 0.0 | 0.0 | 0.0 | 0.0 | 0.0 | 0.0 | 99.9 | 100.0 | 746 |
| 1-2 | 19.5 | 17.7 | 0.2 | 12.8 | 1.7 | 0.6 | 0.1 | 2.0 | 0.3 | 0.0 | 1.8 | 0.1 | 1.7 | 0.0 | 80.5 | 100.0 | 2,333 |
| 3-4 | 41.9 | 38.7 | 1.1 | 29.0 | 3.6 | 2.0 | 0.0 | 3.0 | 0.0 | 0.1 | 3.2 | 0.3 | 2.8 | 0.1 | 58.1 | 100.0 | 2,268 |
| 5+ | 35.4 | 33.6 | 0.7 | 21.6 | 2.6 | 5.8 | 0.0 | 2.7 | 0.0 | 0.1 | 1.9 | 0.0 | 1.9 | 0.0 | 64.6 | 100.0 | 1,157 |
| Ҳамагӣ | 27.9 | 25.8 | 0.6 | 18.5 | 2.3 | 2.0 | 0.0 | 2.2 | 0.1 | 0.0 | 2.1 | 0.1 | 1.9 | 0.0 | 72.1 | 100.0 | 6,504 |

Эзоҳ: Агар аз як усул бештар нишон дода бошад, усули дар ҷадвали мазкур истифодашуда усули нисбатан босамар ба ҳисоб меравад.
МЛА = Усули аменории лактатсионӣ (Маводи синамаконӣ)

Дар ҷадвали 6 маълумотҳо дар бораи сатҳ ва фарқиятҳои асосии усулҳои алоҳидаи пешгирии ҳомиладорӣ айни замон истифодашаванда аз рӯи маълумотҳои пешниҳоднамудаи занони шавҳардор оварда шудааст. Ҳангоми гузаронидани ТТДТ-2012 ошкор карда шуд, ки дар миёни занони шавҳардор айни замон, зиёда аз як чор ҳиссаашон (28 фоиз) ягон усули пешгирии ҳомиладориро истифода мебаранд. Бештари истифодабарандагони маводҳои зидди ҳомиладоршавӣ, усулҳои замонавиро (26 фоиз) истифода мебаранд ва танҳо 2 фоиз усулҳои анъанавиро истифода мебаранд. Умуман, аз ҳама бештар усули маъмул, ин усули спирали дохилибачадон мебошад; усули мазкурро 19 фоизи занони шавҳардор истифода мебаранд. Ҳамин тавр, аз ҳар се зани усулҳои пешгирии ҳомиладориро истифодабаранда ду нафарашон усули спирали дохилибачадонро (ВМС) истифода мебаранд. Ду фоизи занони шавҳардор аз чунин усулҳо ба монанди истифодаи ҳабҳо (таблеткаҳо), рифола, инъексия, ҳамчунин усули қатъ гардонидани алоқаи ҷинсиро, истифода мебаранд. Камтар аз як фоизи занон оид ба истифодаи стерилизатсияи занона маълумот доданд.

Ҷадвали 6 ҳамчунин истифодаи ҷории маводҳои зидди пешгирии ҳомиладориро вобаста аз тавсифи асосии мусоҳиб, чи тавр тағйир меёбад нишон медиҳад. Сатҳи истифодабарии маводҳои пешгирии ҳомиладорӣ баъди синни 25 солагӣ бо як суръати нисбатан баланд меафзояд ва аз ҳама сатҳи баландро яъне 47 фоизро дар миёни занони синни 35-39 сола мушоҳида мешавад, ки баъдан дар синни 45-49 сола то 19 фоиз паст мефарояд. Спирали дохилибачадонӣ (ВМС) усули аз ҳама бештар истифодашавандаи ҳамаи гурӯҳҳои синнусолӣ мебошад.

Фарқияти истифодабарии усулҳои пешгирии ҳомиладориро дар миёни занони шавҳардор дар маҳалҳои шаҳрӣ ва деҳот он қадар дида намешавад (мутаносибан 32 ва 27 фоиз). Занҳои шаҳрӣ бештар усулҳои замонавиро нисбат ба занони деҳот истифода мебаранд (мутаносибан 29 ва 25 фоиз). Ин фарқият асосан истифодаи маъмулан бештари спирали дохилибачадонӣ (ВМС) дар миёни занони шаҳрӣ нисбат ба занони деҳот алоқаманд аст. Ҳамчунин фарқияти хеле калон дар истифодаи маводҳои усулҳои пешгирии ҳомиладорӣ дар минтақаҳо низ мушоҳида мешавад. Занҳои дар НТҶ ва вилояти Хатлон истиқоматкунанда аз ҳама камтар аз ягон намуди ин усулҳои пешгирии ҳомиладорӣ истифода мебаранд (мутаносибан 22 ва 24 фоизро ташкил медиҳад). Дар ВМКБ ва вилояти Суғд нишондиҳандаи аз ҳама баланди истифодаи ягон намуди ин усулҳо мавҷуд аст (35 фоиз). Бояд қайд намоем, ки дар вилояти Суғд ҳамчунин фоизи аз ҳама баланди занони шавҳардор аз ин ё он усулҳои анъанавии пешгирии ҳомиладорӣ (5 фоиз) истифода мебаранд ва асосан истифодаи усули қатъ кардани алоқаи ҷинсӣ (4 фоиз) нисбат ба занони дигар минтақаҳо баландтар мебошад. Чӣ тавре, ки интизор мерафт, сатҳи истифодабарии усулҳои пешгирии ҳомиладорӣ вобаста аз доштани сатҳи баланди таҳсилотии мусоҳибон меафзояд. Занҳои дорои маълумоти олӣ қариб ду маротиба аз занҳои дорои маълумоти миёнаи асосӣ, зиёдтар аз усулҳои пешгирии ҳомиладорӣ истифода мебаранд (мутаносибан 41 фоиз ва 20 фоиз). Умуман занҳо дар Тоҷикистон то таваллуди аққалан як кӯдак ба истифодаи усулҳои пешгирии ҳомиладорӣ оғоз намекунанд.

Натиҷаҳои тадқиқоти ТТДТ 2012–ро мумкин аст бо маълумотҳои ТМИК 2005 бо мақсади гирифтани тасаввурот дар бораи тамоюлотҳои ба наздики ба вуҷуд омада дар самти истифодаи усулҳои пешгирии ҳомиладорӣ дар Тоҷикистон, метавонем муқоиса намоем. Умуман фоизи занҳои шавҳардори синни 15-49 солаи аз усулҳои пешгирии ҳомиладорӣ истифодабаранда дар давоми ҳафт соли байни ду тадқиқот, аз 38 фоиз (ТМИК-2005) то 28 фоиз (ТТДТ-2012) кам шудааст. Тағйироти мазкур асосан аз камшавии истифодаи усули спирали дохилибачадон (ВМС) вобастагӣ дорад; фоизи занҳои аз спирали дохилибачадон истифодабаранда аз 26 фоизи соли 2005 то 19 фоиз кам шудааст. Ҳамчунин камшавӣ дар истифодаи усули ширмаконӣ (МЛА) низ, аз 3 фоизи соли 2005 то як фоиз дар соли 2012 ба вуҷуд омадааст (*Кумитаи давлатии омор, соли 2007*).

**F. Фавти кӯдакони навзод ва кӯдакон**

Баҳодиҳии сатҳ ва тамоюли фавт дар миёни кӯдакони навзод ва кӯдакон яке аз вазифаҳои асосии ТТДТ 2012 буд, чунки коэффитсиенти фавт дар миёни ин гурӯҳ нишондиҳандаи асосии вазъи иҷтимоӣ – иқтисодӣ, ҳамчунин сифати зиндагӣ дар кишвар мебошад.

Чӣ тавре қаблан қайд гардида буд, дар саволномаи ТТДТ-2012 қисмати саломатии репродуктивии занҳо ворид гардида буд, ки дар он аз мусоҳибон дар бораи натиҷаи ҳар як ҳомиладорӣ пурсида мешуд, яъне ҳамаи онҳоро зарур буд, ки нисбати ҳар як таваллуди кӯдаки зиндатаваллудшуда, мурдатаваллудшуда, бачапартоӣ ва исқоти ҳамл маълумот пешниҳод намоянд. Ба зиндатаваллудшудагон ҳамаи таваллудҳои кӯдаки зинда, ки садо баровараnd ва ё ягон аломати ҳаётро нишон додаанд, дохил карда шуданд. Барои ҳар як ҳолати таваллуди кӯдаки зинда, ки дар таърихи ҳомиладорӣ қайд гардидааст, маълумотҳо дар бораи санаи таваллуд (моҳ ва сол), ҷинс, мақоми зиндамонӣ ва синни ҳозира (агар кӯдак зинда бошад), ва ё синни фавт (барои кӯдакони фавтида), ҷамъоварӣ гардидааст.

Маълумотҳо дар бораи мақоми зиндамонӣ ва синни кӯдакони фавтида барои ҳисоб кардани панҷ коэффитсиенти фавт истифода гардидааст:

- Фавти неонаталӣ (NN): эҳтимолияти фарорасии фавт дар давоми моҳи аввали ҳаёт;
- Фавти постнеонаталӣ (PNN): фарқият байни фавти кӯдакони навзод ва фавти неонаталӣ;
- Фавти кӯдакони навзод ($_1q_0$): эҳтимолияти фарорасии фавт дар давраи байни таваллуд ва расидан ба синни то 1 солагӣ;
- Фавти кӯдакон ($_4q_1$): эҳтимолияти фарорасии фавт дар синни аз 1 солагӣ то 5 солагӣ;
- Фавти кӯдакон дар синни то 5 солагӣ($_5q_0$): эҳтимолияти фавт аз лаҳзаи таваллуд то расидан ба синни то 5 солагӣ.

Ҳамаи коэффитсиентҳо ба 1000 таваллуд ҳисоб карда мешавад, ғайр аз фавти кӯдакон, ки шумораи фавтро ба 1000 зиндамонда дар соли аввали ҳаёт ифода мекунад.

Дар ҷадвали 7 нишондиҳандаҳои баҳододашудаи фавти кӯдакони навзод ва фавти кӯдакон, дар асоси маълумотҳои аз ТТДТ-2012 гирифташуда оварда шудааст. Нишондиҳандаи фавти кӯдакони навзод дар давоми панҷ соли пеш аз гузаронидани тадқиқот (тақрибан давраи солҳои 2008-2012) 34 ба 1000 зиндатаваллудшударо ташкил медиҳад. Сатҳи фавти неонаталӣ ва постнеонаталӣ мутаносибан 19 ва 15 ба 1000 зиндатаваллудшударо ташкил медиҳад. Нишондиҳандаи фавти кӯдакон (дар синни 1 – 4 солагӣ) нисбатан пастар мебошад: 9 ба 1000 зиндатаваллудшуда. Фавти кӯдакони синни то 5 сола дар ин давра 43 ба 1000 зиндатаваллудшударо ташкил медиҳад.

Ҷадвали 7 Фавт дар синни кӯдакӣ

Нишондиҳандаи фавти неонаталӣ, постнеонаталӣ, фавти кӯдакони навзод ва кӯдакон, ҳамчунин фавти кӯдакон дар давраи ҳар панҷ солаи пеш аз тадқиқот, Тоҷикистон 2012

| Солҳои пеш аз тадқиқот | Фавти неонатали (барвақтӣ) (ФН) | Фавти постнеонаталӣ (ФПН)[1] | Фавти кӯдакони навзоди фавтида ($_1q_0$) | Фавти кӯдакон ($_4q_1$) | Фавти кӯдакони синни то 5 сола ($_5q_0$) |
|---|---|---|---|---|---|
| 0-4 (2012-2008) | 19 | 15 | 34 | 9 | 43 |
| 5-9 (2007-2003) | 20 | 23 | 43 | 12 | 54 |
| 10-14 (2002-1998) | 25 | 31 | 56 | 21 | 76 |

[1] Ҳамчун фарқият миёни нишондиҳандаи фавти кӯдакони навзод ва фавти неонаталӣ ҳисоб карда шудааст

Дар ҷадвали 7 ҳамчунин тамоюлот, яъне динамикаи фавтро дар давраи 15 соли пеш аз тадқиқот мушоҳида кардан мумкин аст. Маълумотҳои гирифташуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки нишондиҳандаи фавт дар давоми 15 соли охир хеле паст гардидааст. Масалан, коэффитсиенти фавти кӯдакони навзод 56 ба 1000 зиндатаваллудшуда дар давраи аз 10 то 14 сол ва 43 ба 1000 зиндатаваллудшуда дар давраи аз 5 то 9 соли пеш аз оғоз гардидани тадқиқот, ки 34 ба 1000 зиндатаваллудшударо ташкил дод.

Муқоисаи нишондиҳандаҳои фавт аз рӯи ТТДТ 2012 ва ТМИК 2005 (65 ба 1000 зиндатаваллудшуда ва 79 ба 1000 зиндатаваллудшуда аз рӯи фавти кӯдакони синни то 5 сола) ҳамчунин камшавии нисбатан баланди фавти кӯдаконро дар давоми солҳои байни ин ду тадқиқот нишон медиҳад. (*Кумитаи давлатии омор, 2007*).[2]

Сатҳи фавти кӯдакон дар Тоҷикистон, дар муқоиса ба сатҳи фавти тадқиқотҳои ТТД-и ба наздики дар як қатор кишварҳои ҳамсоя гузаронидашуда, нисбатан баландтар мебошад; масалан, нишондиҳандаи фавти кӯдакони навзод дар давоми панҷ соли пеш аз тадқиқот дар ТТД-2010 Арманистон ва ТТД-2007 Украина мутаносибан 13 ва 14 ба 1000 зиндатаваллудшударо ташкил медод, ки ин дар муқоиса нисбат ба ТТДТ-2012 хеле паст мебошад (*НСС* [Арманистон] ва др., с. 2012;. *ЦСРУ* [Украина] ва др., с.2008). Аз тарафи дигар нишондиҳандаи эҳтимолияти

[2] Ҳангоми муқоисаи нишондиҳандаҳои фавти тадқиқоти ТМИК -2005, Тоҷикистон бо ТТДТ -2012 эҳтиёткорона рафтор кардан лозим аст, чунки усули гирифтани нишондиҳандаҳои фавт, дар ҳар ду тадқиқот фарқ мекунад.

зиндамондани кӯдакон дар Тоҷикистон нисбат ба Тадқиқоти фавти модарон дар соли 2010 дар Афғонистон гузаронидашуда (55 ба 1000 зиндатаваллудшуда), ТТД Озарбойҷон дар соли 2006 (43 ба 1000 зиндатаваллудшуда) ва ТТД дар Покистон дар солҳои 2006-2007 гузаронидашуда (78 ба 1000 зиндатаваллудшуда) нисбатан беҳтар мебошад. (*КДО* [Озарбойҷон] ва *Macro International Inc*, 2008 с.; *АИОЗ МЗ* [Афғонистон] ва др., с. 2011.; *НИДИ* [Покистон] ва *Macro International Inc,* с. 2008).

## G. Расонидани кӯмакҳои тиббӣ ба модарон

Нигоҳубини дуруст дар вақти ҳомиладорӣ ва таваллудкунӣ барои саломатии ҳам модар ва ҳам кӯдак аҳамияти хеле калон дорад. Дар ТТДТ 2012 саволҳо дар бораи нигоҳубини саломатии модарон барои таваллудкунӣ дар давоми панҷ соли пеш аз тадқиқот ворид гардида буданд.

## G. Кӯмаки антенаталӣ (мушоҳидаи давраи ҳомиладорӣ)

Кӯмаки антенаталии аз ҷониби мутахассисони баландихтисоси тиббӣ барои мушоҳидаи ҳомиладорӣ ва кам кардани хавф барои модарон ва кӯдакон ҳангоми ҳомиладорӣ ва таваллудкунӣ, бисёр зарӯр аст. Дар Тоҷикистон, кормандони баландихтисоси омӯзонидашуда, духтурон, хоҳарони шавқат, акушерҳо ва фелдшерон[3] ҳангоми ҳомиладорӣ кӯмак менамоянд.

Ҷадвали 8. Нишондиҳандаҳо оид ба расонидани кӯмакҳои тиббӣ ба модарон

Ҳиссаи занони синни 15-49 сола, ки дар давоми панҷ соли пеш аз тадқиқот кӯдаки зинда таваллуд кардаанд, ҳиссаи занон (модарон), ки кӯмаки тиббии антенаталиро аз тарафи мутахассисони баландихтисоси тиббиро дар вақти таваллудҳои охир, ва дар вақти ҳамаи таваллудҳои кӯдакони зиндатаваллудшуда, дар давоми панҷ соли пеш аз тадқиқот гирифтаанд, ҳиссаи заноне, ки кӯмаки тиббии мутахассисони касбии тиббиро ҳангоми таваллудкунӣ, ҳамчунин ҳиссаи занҳои дар муассисаҳои тандурустӣ таваллуднамуда вобаста аз тавсифоти асосӣ, Тоҷикистон, 2012

| Тавсифоти асосӣ | Фоизи занони кӯмаки антенатали-ро аз ҷониби мутахассси-сони тиббии баланд-ихтисос гирифтаанд[1] | Шумораи занҳо | Фоизи заноне, ки кӯмаки касбии мутахассисо ни тиббиро ҳангоми таваллуд-кунӣ гирифтаанд[1] | Фоизи заноне, ки дар муассисаҳои тиббӣ таваллуд кардаанд | Шумораи таваллудҳо |
|---|---|---|---|---|---|
| **Синни модар ҳангоми таваллудкунӣ** | | | | | |
| <20 | 86,0 | 258 | 91,2 | 80,1 | 480 |
| 20-34 | 80,0 | 2,945 | 88,0 | 77,7 | 4,321 |
| 35+ | 65,3 | 398 | 76,3 | 61,1 | 433 |
| **Ҷойи истиқомат** | | | | | |
| Шаҳр | 82,7 | 802 | 93,4 | 87,4 | 1,119 |
| Деҳа | 77,7 | 2,799 | 85,7 | 73,6 | 4,114 |
| **Минтақаҳо** | | | | | |
| ВМКБ | 85,1 | 67 | 92,5 | 65,4 | 91 |
| Вилояти Суғд | 94,1 | 1,000 | 95,2 | 93,3 | 1,383 |
| Вилояти Хатлон | 66,8 | 1,351 | 84,6 | 67,4 | 2,029 |
| ш.Душанбе | 80,8 | 295 | 95,6 | 88,4 | 414 |
| НТҶ | 78,7 | 887 | 80,4 | 70,0 | 1,316 |
| **Маълумотнокии модар** | | | | | |
| Маълумот надорад/Маълумоти ибтидоӣ | 69,4 | 272 | 78,5 | 69,1 | 452 |
| Миёнаи асосӣ | 78,0 | 1,400 | 84,7 | 73,3 | 2,063 |
| Миёнаи пурра | 78,4 | 1,530 | 89,2 | 77,3 | 2,161 |
| Миёнаи касбӣ | 87,4 | 210 | 97,4 | 89,1 | 302 |
| Олӣ | 92,0 | 189 | 97,1 | 93,9 | 255 |
| Ҳамагӣ | 78,8 | 3,601 | 87,4 | 76,5 | 5,233 |

[1] Ба кормандони баландихтисос, духтурон, хоҳарони шавқат, акушерон ва фелдшеронро дар бар мегирад

Эзоҳ: Фелдшер ин ёрдамчии духтур мебошад, ки дар соҳаи нигоҳубини тиббӣ ва акушерӣ омӯзонида шудааст ва тайёрии пурраро оид ба ташхиси бемор ва фармакологӣ гузаштааст. Онҳо ҳуқуқи гузаронидани табобати аввалия ва таъин намудани шумораи маҳдуди доруҳоро дар нуқтаҳои фелдшерию-акушерӣ (ФАП) ҳангоми ҳузур надоштани духтур доранд.

[3] Фелдшер – ин кормандони омӯзонидашудаи тиббӣ дар соҳаи нигоҳубини тиббӣ ва акушерӣ, ки тайёрии чуқури ташхиси клиникӣ ва фармакологиро гузаштааст. Фелдшерҳо ҳуқуқ доранд барои гузаронидани табобати аввалия ва таъин намудани шумораи маҳдудӣ препаратҳо дар нуқтаҳои фелдшери-акушерӣ (ФАП) дар набудани духтури минтақавӣ.

Ҷадвали 8 нишон медиҳад, ки 79 фоизи модарон, ба қадри имкон як маротиба кӯмаки антенаталиро аз тарафи кормандони баландихтисос дар вақти таваллудкунии охирини дар давоми панҷ соли пеш аз тадқиқот мавҷудбуда, гирифтаанд. Фарқияти расонидани кӯмаки антенаталӣ дар байни занони шаҳрӣ ва деҳотӣ он қадар зиёд нест, лекин фарқияти калон вобаста аз синну соли модар ҳангоми таваллуди кӯдак, минтақаҳо ва сатҳи таҳсилот, мавҷуд ҳаст. Сатҳи аз ҳама баланди нигоҳубини давраи ҳомиладорӣ дар байни занони ҷавон, модарон аз вилояти Суғд ва модарони дорои маълумоти миёнаи махсус ва олӣ, нисбат ба дигар модарон ва гурӯҳ, ба қайд гирифта шудааст. Занҳои дар синни 35 сола ва калонтари сатҳи маълумотнокиашон пасттар, ҳамчунин маълум гардид, ки модарони вилояти Хатлон нигоҳубини касбии давраи ҳомиладориро, нисбат ба дигар занони минтақаҳо камтар гирифтаанд.

Мушоҳидаҳои давраи ҳомиладорӣ, яъне фоизи занони кӯмаки антенаталиро аз тарафи мутахассисони тиббии баландихтисос гирифта дар ТТДТ-2012 (79 фоиз) ба нишондиҳандаҳои ТТД Озарбойҷон дар соли 2006 (77 фоиз) монанд мебошад, вале нисбат ба ТТД Арманистон соли 2010 ва ТТД Украина 2007 (99 фоиз) пастттар мебошад (КДО [Озарбойҷон] ва *Macro International* 2008с.; *НСС*, *ВТ* [Арманистон], ва *ICF International*, 2012с.; *ЦСРУ* [Украина] ва *Macro International* , 2008с.).

***Кӯмак расонидан ҳангоми таваллудкунӣ***

Расонидани кӯмаки касбии тиббӣ ва ташкили шароити санитари-гигиении мувофиқ ҳангоми таваллудкунӣ, хавфи ба вуҷуд омадани бемориҳои шиддатноки инфексиониро, ки ба фавти модар ва ё бемории вазнини модар, кӯдак ва ё ин ки ҳарду оварда мерасонад, метавонад паст кунад. Дар ҷадвали 8 нишон дода шудааст, ки бештари таваллудҳо дар Тоҷикистон (87 фоиз) аз тарафи кормандони тиб қабул карда мешаванд ва 77 фоизи таваллудҳо дар муассисаҳои тиббӣ гузаронида мешаванд.

Фарқияти зиёди расонидани кӯмак ҳангоми таваллудкунӣ вобаста аз синни модар ва ҷойи истиқомат вуҷуд дорад. Занҳои ҷавон ва занони дар маҳалҳои шаҳрӣ истиқоматдошта ҳангоми таваллудкунӣ эҳтимолияти бештари таваллудкуниро дар муассисаҳои тандурустӣ ва бо иштироки кормандони баландихтисосро нисбат ба занони синни калонсолтар ва занони деҳот, доранд. Масалан, 80 фоизи таваллудкунии занҳо дар синни 20 сола ва ҷавонтар нисбат ба 61 фоизи таваллудкунии занҳо дар синни 35 сола ва калонтар дар муассисаҳои тандурустӣ гузаронида мешавад. Дар қиёс ба 87 фоизи таваллудҳои дар маҳалҳои шаҳрӣ дар муассисаҳои тандурустӣ нисбат ба 74 фоизи таваллудҳои дар маҳалҳои деҳот ба вуҷуд омадааст. Қариб аз даҳ ҳолатҳои таваллуд нӯҳтои он дар вилояти Суғд ва шаҳри Душанбе дар муассисаҳои тандурустӣ дар муқобили аз даҳ ҳолат шаш ҳолати дар ВМКБ ва вилояти Хатлон ба вуҷуд омадааст. Агар чӣ аз се ду ҳолати таваллудҳо дар ВМКБ дар муассисаҳои тандурустӣ (65 фоиз) гузаронида шавад ҳам, қариб ҳамаи таваллудҳо аз тарафи кормандони баландихтисоси тиббӣ (93 фоиз) қабул карда мешавад. Ҳиссаи таваллудҳои бо кӯмаки кормандони тиб ба амал омада аз 80 фоизи дар НТҶ ба амал омада то 96 фоиз дар шаҳри Душанбе тағйир ёфта меистад.

Сатҳи маълумотнокии модарон гуфтан мумкин аст, ки ба эҳтимолияти бештар ба он ки таваллудҳо бо кӯмаки кормандони баландихтисоси тиббӣ ва ё дар муассисаҳои тандурустӣ қабул карда мешаванд, алоқамандӣ дорад. Аз даҳ ҳашт ҳолати таваллудкунии занҳои дорои маълумоти миёнаи асосӣ ва ё умумӣ (пурра) нисбат ба қариб ҳамаи таваллудкунии занҳои дорои маълумоти олӣ аз тарафи кормандони масъулӣ соҳаи тандурустӣ, қабул карда мешаванд. Қариб аз даҳ ҳолат ҳафт ҳолати таваллудкунии занҳои дорои маълумоти миёнаи асосӣ ва ё умумӣ (пурра) дар муқоиса ба аз даҳ ҳолат нуҳ ҳолатҳои таваллудкунии занҳои дорои маълумоти олӣ дар муассисаҳои тандурустӣ гузаронида мешавад.

Ҳиссаи занҳое, ки аз ҷониби кормандони баландихтисоси тиббӣ ҳангоми таваллудкунӣ кӯмак расонида шудааст дар Тоҷикистон -87 фоиз ва ҳиссаи занҳое, ки дар муассисаҳои тандурустӣ кӯдак таваллуд кардаанд - 77 фоиз, ба монанди нишондиҳандаҳои ТТД Озарбойҷон дар соли 2006 гузаронидашуда (мутаносибан 89 ва 78 фоиз)-ро, ташкил доданд. Мувофиқи нишондиҳандаҳои ТТД Арманистон дар соли 2010, фарогирии расонидани кӯмакҳои тиббӣ аз тарафи кормандони тиббӣ – 100 фоиз, ҳамчунин таваллудкунӣ дар муассисаҳои тандурустӣ -99 фоиз дар Арманистон хеле баландтар аст нисбат ба Тоҷикистон.

Дар тадқиқоти ТМИК дар соли 2005 дар Тоҷикистон гузаронидашуда ҳамчунин маълумот дар бораи мушоҳидаҳои антенаталӣ ва расонидани кӯмаки тиббӣ ҳангоми таваллудкунӣ барои таваллуди кӯдаки охирини дар давоми ду соли пеш аз тадқиқот ба вуҷуд омада, маълумотҳо ҷамъоварӣ гардида буд. Ҳамин тарз бо мақсади гирифтани маълумотҳои муқоисавӣ бо ТМИК, дар индикаторҳои ТТДТ 2012 барои нигоҳубини модар дар асоси иттилоот дар бораи таваллуди кӯдаки охири дар давоми ду соли пеш аз саршавии тадқиқот, бозҳисобӣ карда шуданд. Натиҷаҳои тадқиқот нишон медиҳанд, ки дар миёни занони синни 15-49 сола, ки дар дар давоми ду

соли пеш аз тадқиқот кӯдаки зинда таваллуд кардаанд, фарогирии кӯмаки антенаталӣ дар ТТДТ 2012 (80 фоиз), тақрибан ба монанди ТМИК 2005 (79 фоиз) боқӣ мондааст (КДО, 2007). Аз нишондиҳандаҳои индикатори кӯмак расонидан ҳангоми таваллудкунӣ муқоиса карда ба хулосае омадан мумкин аст, ки зиёдшавии расонидани кӯмак ҳангоми таваллудкунӣ аз ҷониби мутахассисини баландихтисоси тиббӣ, аз 83 фоизи ТМИК 2005 то 89 фоиз дар ТТДТ 2012 на он қадар афзудааст. Зиёдшавиии фарогирии таваллуд дар муассисаҳои тандурустӣ, аз 62 фоизи ТМИК 2005 то 78 фоиз дар ТТДТ 2012 нисбатан баландтар шудааст.

## H. Саломатии кӯдак

### *Вактсинатсияҳо*

Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияҳои Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ (ТУТ)-ро оид ба эмкунии кӯдакон қабул кардааст, ки мувофиқи ин тавсияҳо кӯдак дар 12-моҳагиаш бояд эмкуниҳои зеринро қабул кунад: БЦЖ – зидди касалии сил; се вояи АКДС барои муҳофизат аз гулӯзиндонак, сулфаи кабутак ва кузоз - шахшудамондан; се воя вактсина зидди шалшавӣ – варами ҳароммағз ва эмкунӣ аз сурхчаҳо. Илова ба ин тавсияҳо оид ба эмкуниҳо аз соли 2001, Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия мекунад, ки кӯдак бояд се воя ваксинаро зидди гепатити **B** қабул кунад; вояи якумро кӯдак бояд ҳангоми таваллуд ё ҳангоми робитаи аввалини клиникӣ (Ҳоҷамуродов ва Речел, соли 2010) қабул кунад. Дар соли 2008 вактсинаи панҷвалентаи ҷорӣ кардашуда, вактсинаи АКДС ва вактсинаи зидди гепатити **B**-ро ғайр аз вояи якуми вактсинаи зидди гепатити **B** ҳангоми таваллуд иваз кард (ВТ, 2008) . Ғайр аз АКДС, вактсинаи панҷвалента вактсинаи зидди гепатити **B** ва вактсинаи зидди *Haemophilus* (инфлюенси) новҷи **B**-ро дар таркибаш дорад. Вактсинаи панҷвалента аз рӯи ҳамон нақшаю низоме, ки барои АКДС муайян шудааст, дода мешавад. Аз соли 2009 вактсинаи (КК) ба кӯдакони дар синни 12 моҳагӣ буда, барои муҳофизат гул ва сурхча додан сар шуд (ВТ, 2009).

Дар доираи Тадқиқоти Тиббӣ- Демографии соли 2012 дар бораи фарогирии ҳамаи кӯдакони синни то 5 сола бо вактсина иттилоот ҷамъоварӣ карда шуд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон корти тиббии кӯдак (ВТ, шакли 112) ва шакли сабти эмкуниҳо (ВТ, шакли 063) дар муассисаҳои тандурустии маҳалҳо нигоҳ дошта мешаванд. Дар ҳолатҳои хеле кам кортҳои тиббии кӯдакон дар хона нигоҳ дошта мешаванд. Дар тадқиқоти мазкур, маълумотҳо дар бораи эмкунии кӯдакон аз ин ду манбаъ ҷамъоварӣ гардид, агар ингуна ҳолатҳо дар рафти гузаронидани пурсиш ҷой дошта бошад. Дар ҳолатҳое, ки агар корти тиббии кӯдаконро модар надошта бошад, аз ӯ хоҳиш менамуданд, ки ба хотир биёрад, кадом эмкуниҳоро кӯдак гирифтааст. Баъди ба анҷом расидани ҳамаи пурсишҳо дар кластери муайян, сардорони гурӯҳҳо ба муассисаҳои тиббии маҳалҳо рафта, иттилоотро дар бораи вактсинаҳои гирифтаи кӯдаконро аз кортҳои тиббии ҳамаи кӯдаконе, ки барои тадқиқот интихоб шудаанд, сабт карда гирифтанд. Умуман, 89 фоизи кӯдакони 18-29 моҳа корти тиббиро дар муассисаҳои тиббӣ доштаанд, ки аз он ҷумла 13 фоизи кортҳои дар хонаҳо нигоҳдошта сабти эмкуниро доштаанд (маълумотҳо пешниҳод нашудаанд). Умуман, сабти эмкунӣ барои 91 фоизи кӯдакони 18-29 моҳа пайдо карда шуда буданд. Ба ҳамин тартиб, гарчанде қисми маълумотҳо дар ҷадвали 9 дар асоси маълумоти кортҳои тиббӣ асоснок карда шудаанд ва дар ҳолатҳое, ки ин кортҳо пайдо карда нашуда буданд, ки дар бораи эмкуниҳо ҷудогонаи махсуси фаромӯш шудаанд, маълумотҳо аз суханони модарон гирифта шуда, асоснок карда шуданд.

Дар ҷадвали 9 сатҳи фарогирии вактсинатсияи кӯдакони 18-29 моҳа инъикос гардидааст, яъне синне, ки дар он ҳамаи кӯдакон бояд ҳатман пурра эм карда шуда бошанд. Қариб ҳамаи кӯдакон (на камтар аз 97 фоиз) вактсинаи БЦЖ ва вояи якуми вактсинаи полимелит ва АКДС-ро гирифтаанд. Наваду се фоизи кӯдакон вактсинаи гепатитро ҳангоми таваллуд гирифтаанд. Барои кӯдаконе, ки вояи дуюм ва сеюми вактсинаи полиомелит ва АКДС-ро гирифтаанд, андаке пасттар буд, мисли фоизи сурхча (КК) гирифташуда. Масалан, 97 фоизи кӯдакон вояи якуми АКДС-ро гирифтаанд дар муқоиса ба 92 фоизе, ки вояи сеюмро гирифтаанд. Ба ҳамин тартиб, нишондиҳандаи дур мондани кӯдакон байни вояҳои якум ва сеюми АКДС 5 фоизро ташкил медиҳад. Мутобиқан нишондиҳандаи дур мондани кӯдакон барои вактсинаҳои полиомелит 6 фоизро ташкил мекунад.

---

[1] Нишондиҳандаи дур мондани кӯдакон аз вактсинатсия = (вояи 1-вояи 3)*100/ 1 воя

Ҷадвали 9. Ваксинатсияҳо вобаста ба тавсифоти асосӣ

Фоизи кӯдакони 18-29 моҳа, ки эмкунии махсусро дар ҳар гунна вақту замон пеш аз гузаронидани тадқиқот (аз рӯи кортҳои тиббӣ ё аз забони модарон гирифта шудаанд) ва фоизи аз кортҳои тиббӣ гирифташуда вобаста ба тавсифоти асосӣ. Тоҷикистон соли 2012

| Тавсифи асосӣ | БЦЖ | Гепатити В ҳангоми таваллуд | АКДС[1]/ПЕНТА 1 | АКДС[1]/ПЕНТА 2 | АКДС[1]/ПЕНТА 3 | Вактсинаи полиомелит[2] 0 | Вактсинаи полиомелит[2] 1 | Вактсинаи полиомелит[2] 2 | Вактсинаи полиомелит[2] 3 | Сурхча (КК) | Ҳамаи вактсинаҳои[3] асосӣ | вактсинатсия нест | Ҳамаи асосӣ маҷмӯи гепатити В ҳангоми таваллуд | Фоиз аз ҳаргуна корти тиббӣ | Шумораи кӯдакон |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҷинсият** | | | | | | | | | | | | | | | |
| Мард | 98.3 | 92.8 | 97.3 | 95.2 | 93.2 | 95.9 | 97.6 | 97.1 | 93.1 | 95.0 | 88.6 | 1.0 | 85.9 | 90.3 | 604 |
| Зан | 98.2 | 94.1 | 95.5 | 92.8 | 90.2 | 95.3 | 97.2 | 95.8 | 90.8 | 95.5 | 87.4 | 1.2 | 85.5 | 91.7 | 544 |
| **Маҳалли истиқомат** | | | | | | | | | | | | | | | |
| Шаҳр | 98.5 | 94.3 | 95.3 | 93.2 | 91.1 | 97.2 | 95.9 | 93.6 | 90.6 | 93.7 | 86.8 | 1.1 | 85.2 | 88.9 | 230 |
| Деҳа | 98.2 | 93.2 | 96.8 | 94.3 | 91.9 | 95.2 | 97.8 | 97.2 | 92.4 | 95.6 | 88.3 | 1.1 | 85.8 | 91.5 | 918 |
| **Минтақа** | | | | | | | | | | | | | | | |
| ВМКБ | 98.8 | 89.3 | 95.3 | 88.0 | 84.4 | 90.7 | 97.6 | 96.4 | 92.9 | 96.4 | 81.9 | 0.0 | 76.0 | 89.3 | 17 |
| Вилояти Суғд | 100.0 | 97.9 | 97.5 | 95.5 | 94.4 | 97.4 | 98.9 | 98.9 | 95.4 | 96.9 | 92.5 | 0.0 | 91.5 | 98.1 | 288 |
| Вилояти Хатлон | 98.2 | 94.6 | 97.4 | 95.8 | 93.6 | 96.8 | 97.1 | 97.1 | 94.8 | 94.5 | 90.7 | 1.5 | 89.8 | 92.6 | 459 |
| Душанбе | 97.6 | 91.1 | 90.8 | 89.2 | 85.2 | 95.9 | 94.9 | 90.7 | 86.7 | 93.3 | 82.2 | 1.4 | 80.1 | 83.6 | 90 |
| НТҶ | 97.0 | 88.1 | 96.0 | 91.8 | 88.6 | 92.2 | 97.2 | 94.9 | 86.0 | 95.3 | 81.5 | 1.4 | 75.7 | 83.8 | 292 |
| **Таҳсилоти модарон** | | | | | | | | | | | | | | | |
| Маълумот надоранд/ ибтидоӣ | 97.6 | 88.9 | 94.1 | 89.9 | 88.9 | 93.8 | 95.3 | 93.4 | 88.8 | 93.0 | 85.1 | 1.6 | 81.9 | 85.1 | 99 |
| Умумии асосӣ | 97.5 | 91.2 | 95.4 | 93.7 | 90.1 | 94.2 | 96.5 | 96.0 | 90.8 | 94.3 | 85.4 | 1.7 | 82.4 | 90.4 | 433 |
| Умумии миёна | 98.8 | 95.7 | 98.5 | 96.6 | 95.2 | 97.7 | 99.3 | 98.7 | 95.3 | 96.4 | 92.5 | 0.6 | 90.6 | 93.7 | 494 |
| Ибтидоии касбӣ /миёна | 99.7 | 97.5 | 98.2 | 92.4 | 92.4 | 92.4 | 93.1 | 91.7 | 86.8 | 96.9 | 85.9 | 0.0 | 85.9 | 91.3 | 67 |
| Олӣ | 98.5 | 94.1 | 89.5 | 83.5 | 78.2 | 95.1 | 96.5 | 92.7 | 84.6 | 93.8 | 75.7 | 1.5 | 74.8 | 81.3 | 55 |
| Ҳамагӣ | 98.3 | 93.4 | 96.5 | 94.1 | 91.8 | 95.6 | 97.4 | 96.5 | 92.0 | 95.2 | 88.0 | 1.1 | 85.7 | 91.0 | 1,148 |

[1] Вояи АКДС дар таркиби Пентавактсинҳо (ПЕНТА) дода мешавад, ки вай дар худ АКДС, гепатити В ва вактсинаи зидди *Haemophilus* инфюенсиҳои навъи В (ХИБ) –ро дорад.

[2] Вактсинаи полимелит 0 – ин вактсинаи полимеолит ҳангоми таваллуд аст.

[3] Вактсинатсия БЦЖ, вактсинатсияи зидди сурхча ва се вояи АКДС ва вактсинаи полиомелит, ба истиснои вояи якуми вактсинаи полимеолит ҳангоми таваллуд, ҳамаи вактсинатсияҳои тавсиякардан Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустиро (ТУТ) дар бар мегирад.

Умуман, маълумотҳо нишон медиҳанд, ки 88 фоизи кӯдакони 18-29 моҳа ҳамаи вактсинаҳои тавсиядодаи ТУТ-ро дар вақту замони гуногун то мусоҳибаи тадқиқот гирифтаанд. Фоизи ками кӯдакон (86 фоиз) курси пурраи тавсияҳои Вазорати тандурустиро оид ба эмкунӣ, ки дар худ вактсинаи зидди гепатити В-ро ҳангоми таваллуд дар бар мегирад, гирифтаанд. Фарқияти назаррасе дар фарогирии эмкунӣ аз рӯи ҷинсияти кӯдакон ва маҳалли истиқомат вуҷуд надорад, вале фарқияти назаррас вобаста ба минтақа ва таҳсилоти модарон мавҷуд аст. Кӯдаконе, ки дар вилоятҳои Суғду Хатлон сукунат доранд, нисбат ба кӯдакони дигар минтақаҳо эҳтимолияти бештари бо пуррагӣ вактсина гирифтанро доранд (мутобиқан 93 ва 91 фоиз мебошад). Кӯдаконе, ки аз модарони таҳсилоташон миёнаи умумӣ таваллуд шудаанд, эҳтимолияти пурра вактсина гирифтан (93 фоиз)-ро нисбат ба кӯдаконе, ки сатҳи таҳсилоти модаронашон дигар сатҳи таҳсилот мебошад, доранд.

Натиҷаҳои тадқиқоти тиббӣ демографӣ нишон медиҳанд, ки дар байни кӯдакони синни 18-29 моҳа дар 7 соли охир фарогирии вактсинатсияи асосӣ, ки ТУТ ин вактсинатсияҳоро тавсия додаст ба таври назаррас афзоиш ёфтааст: масалан, 77 фоизи кӯдакон пурра то гузаронидани тадқиқоти МИКИ 2005 вактсинатсия гирифта буданд ва 88 фоизи кӯдакон ба таври пурра дар соли 2012 то лаҳзаи гузаронидани ТТДТ 2012 вактсинатсия гирифта буданд. Пешравии мусбат, пеш аз ҳама ба зиёдшавии ҳиссаи кӯдакон вобастааст, ки вояҳои дуюм ва сеюми вактсинаи полимеолит ва АКДС-ро гирифтаанд. Фарогирии вактсинатсияи зидди сурхча то андозаи зиёд нашудааст, аз 92 фоизи соли 2005 то ба 95 фоиз дар соли 2012-ро дар бар мегиранд. Қайд кардан лозим аст, ки дар ТТДТ 2012, сабти эмгузаронӣ аз кортҳои тиббӣ, ки дар хонаҳо ва ё дар муасисаҳои тиббӣ нигоҳ дошта шудаанд, барои 91 фоизи кӯдакони синни 18-29 моҳа пайдо карда шуда буданд, дар муқоиса ба 83 фоизи ТМИК 2005 (Кумитаи давлатии омор, соли 2007).

**Муоличаи касалиҳои бачагона**

Касалиҳои шадиди паҳншудатарин, таби баланд (лихорадка), дарунравӣ, ки ба камшавии оби бадан меорад, сабабҳои асосии касалиҳои кӯдакон ва вафти онҳо мебошанд.

Бинобар ин, муоличаи саривақтии кӯдакон, ки аз ин касалиҳо азият мекашанд, дар баланд бардоштани сиҳату солимии кӯдакон ва паст кардани вафти кӯдакон аҳамияти ҳалкунанда дорад. Бо мақсади ба даст даровардани иттилоот дар бораи он ки касалиҳои кӯдакон чӣ тавр муолиҷа карда мешаванд, аз модарон (дар бораи ҳар кадом кӯдаки синни то 5 сола) пурсиданд, ки оё кӯдак дар давоми ду ҳафтаи охир то гузаронидани мусоҳиба сулфаи кӯтоҳ ва нафаскашии тез-тез (аломатҳои касалиҳои сирояткунандаи роҳи нафас, ҳарорати баланд ва ё исҳоли хунин (дарунрави)- ро ҳис кард. Дар байни ҳамаи кӯдакони синни то 5 сола, камтар аз 1 фоиз сулфаеро эҳсос карданд, ки бо сулфаи кӯтоҳ ва нафаскашии тез-тез ҳамроҳ буд, 9 фоизашон ҳарорати баланди таби баланд (лихорадка) ва 15 фоизашон аз дарунравӣ азият мекашанд, ин ҳолат дар давоми ду ҳафтаи то гузаронидани тадқиқот сабт шудааст (маълумотҳо оварда нашудаанд).

Дар Ҷадвали 10 ва дар Расми 2 ҳиссаи кӯдаконе нишон дода шуданд, ки ба ин касалиҳо мубтало мебошанд ва бароИ муолиҷа ё маслиҳат ба муассисаҳои тандурустӣ ё корманди тиббӣ муроҷиат кардаанд. Барои маслиҳат ё муолиҷа 63 фоиз, аз шумораи камтаринии кӯдакон бо аломати шадиди касалии роҳи нафас ва 57 фоизи кӯдакон ба ҳарорати баланд муроҷиат кардаанд.

Ҷадвали 10 Муоличаи касалиҳои шадиди гузарандаи роҳи нафас, таби баланд (лихорадка) ва касалии исҳоли хунин, дарунравӣ

Дар байни кӯдакони то 5-сола , дар кӯдаконе, ки аломатҳои шадиди сирояткунандаи роҳи нафас ё таби баланд (лихорадка) дар давоми ду ҳафтаи то гузаронидани тадқиқот доштанд, фоизи муроҷиаткардаҳо барои ҷавоб ё муолича дар муассисаҳои тиббӣ ё ба корманди тиббӣ ва дар байни кӯдакони то 5-сола, ки аз дарунравӣ азият мекашанд, дар давоми ду ҳафта то гузаронидани тадқиқот, фоизи муроҷиат кардаҳо ба муассисаи тиббӣ/ корманди тиббӣ барои маслиҳат ё муолиҷа, фоизи қабулкунандаҳои моеъ, ки аз пакет 4 намаки орали- регидратшавӣ Регидрон тайёр карда шудааст ва фоизи қабул кунандаҳои терапеяи орали - регидратсионӣ, вобаста ба тавсифи асосӣ сабт шудаанд, Тоҷикистон соли 2012

| Тавсифоти асосӣ | Кӯдакони бо аломати касалии шадиди гузарандаи роҳи нафас[1]: Фоизи муроҷиат кардаҳо барои кӯмак (маслиҳат ё муолиҷа) ба муассисаи тиббӣ/ корманди тиббӣ [2] | Кӯдакони бо аломати касалии шадиди гузарандаи роҳи нафас[1]: Шумораи КШРН | Кӯдакони гирифтори касалии таби баланд (лихорадка): Фоизи муроҷиат кардаҳо бо кӯмак (маслиҳат ё муолиҷа) ба муассисаи тиббӣ шумораи корманди тиббӣ [2] | Кӯдакони гирифтори касалии таби баланд (лихорадка): Шумораи касалии таби баланд (лихорадка) | Кӯдакони бо касалии дарунрав: Фоизи муроҷиат кардаҳо бо кӯмак (маслиҳат ё муолиҷа) ба муассисаи тиббӣ шумораи корманди тиббӣ | Кӯдакони бо касалии дарунрав: Фоизи қабулкарда ҳои моъе аз пакети намаки орально-регидрататсионӣ | Кӯдакони бо касалии дарунрав: Фоизи қабулкарда ҳои терапия орально-регидрататсионӣ [3] | Кӯдакони бо касалии дарунрав: Шумораи бо касалии дарунрав гирифтор-шудаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Синни кӯдак бо моҳҳо** | | | | | | | | |
| <6 | * | 4 | (73.8) | 31 | (67.1) | (43.5) | (54.9) | 46 |
| 6-11 | * | 4 | 56.5 | 93 | 59.8 | 68.8 | 81.0 | 137 |
| 12-23 | * | 16 | 59.1 | 159 | 64.2 | 65.0 | 74.9 | 260 |
| 24-35 | * | 5 | 52.9 | 108 | 40.5 | 60.6 | 73.7 | 175 |
| 36-47 | * | 7 | (54.0) | 46 | 45.9 | 52.1 | 67.0 | 83 |
| 48-59 | * | 9 | (48.3) | 28 | 32.0 | 42.4 | 48.2 | 56 |
| **Ҷинсият** | | | | | | | | |
| Мард | (67.6) | 19 | 57.3 | 266 | 53.6 | 62.1 | 73.2 | 424 |
| Зан | (59.1) | 26 | 56.5 | 199 | 53.9 | 57.9 | 69.7 | 334 |
| **Маҳалли истиқомат** | | | | | | | | |
| Шаҳр | * | 13 | 61.3 | 118 | 50.2 | 57.8 | 67.9 | 194 |
| Деҳа | (59.7) | 33 | 55.5 | 347 | 54.9 | 61.2 | 72.9 | 563 |
| **Минтақа** | | | | | | | | |
| ВМКБ | * | 3 | 44.2 | 10 | 40.8 | 78.1 | 79.5 | 15 |
| Вилояти Суғд | * | 5 | (76.7) | 54 | 66.0 | 61.4 | 79.2 | 101 |
| Вилояти Хатлон | * | 24 | 54.8 | 295 | 52.0 | 57.9 | 68.2 | 453 |
| Душанбе | * | 4 | 57.8 | 46 | 46.5 | 56.9 | 63.7 | 70 |
| НТҶ | * | 10 | 51.2 | 60 | 55.8 | 68.4 | 82.2 | 119 |
| **Таҳсилоти модарон** | * | 1 | (52.7) | 53 | 57.9 | 58.3 | 77.0 | 81 |
| Маълумот надоранд/ Ибтидоӣ | * | 23 | 56.2 | 186 | 54.0 | 60.2 | 70.1 | 321 |
| Умумии асосӣ | * | 14 | 58.6 | 181 | 52.4 | 59.4 | 71.7 | 279 |
| Умумии миёна | * | 3 | (68.1) | 21 | 52.0 | 61.4 | 66.8 | 42 |
| Ибтидоии касбӣ /миёна | * | 4 | (50.2) | 24 | 53.4 | 71.2 | 78.9 | 35 |
| Олӣ | | | | | | | | |
| Ҳамагӣ | 62.7 | 45 | 57.0 | 465 | 53.7 | 60.3 | 71.6 | 757 |

Эзоҳ: ситорача аломатеро нишон медиҳад, ки маълумотҳо ба миқдори камтарин нисбат ба 25 ҳодисаҳо санҷиданашуда асоснок карда шудаанд, бинобар ин хориҷ карда шудаанд. Рақамҳои дар қавс нишон медиҳанд, ки маълумотҳо ба 25-49 ҳодисаҳои барнакашида асоснок карда шудаанд.

[1] Аломатҳои касалии шадиди гузарондан роҳи нафас ( сулфаи кӯтоҳ давомнок бо нафаскашии тез-тез ё мушкилии нафаскашӣ аз сабаби тангшавии қафаси сина), аломатҳои бевоситаи шамолхурии шуш мебошад.

[2] Дорухонаҳо, мағозаҳо ва табибони халқиро истисно мекунад

[3]Терапияи орально-регидратсионӣ (Регидрон) дар худ моеъеро дар бар мегирад, ки аз пакети намаки орально-регидратсия тайёр карда шудааст, инчунин моеъ, ки дар шароити хона тайёр карда шудааст

Ба касалии дарунравӣ гирифторшуда 54 фоизи кӯдакон аз кормандони тиббӣ маслиҳат ё муолиҷа гирифтаанд. Аз 10 кӯдаки ба касалии дарунравӣ гирифторшуда шаш кӯдак моеъи аз пакети ОРС (Регидрон) тайёр карда шударо, истеъмол кардааст. Умуман, қариб 7 кӯдак аз 10 кӯдаки ба касалии дарунравӣ гирифторшуда (72 фоиз) аз терапияи орално-регидратасионӣ ва ё ба таври маҳлул аз пакети ОРС, ки маҳлули дар хона тайёр карда шуда мебошад, истифода кардаанд. (Расми 2).

***Расми 2*** **Муолиҷаи касалии шадиди гузарондани роҳи нафас, табларза ва дарунравӣ**




Фоизи кӯдакони синни то 5 сола бо бемории дар давоми ду ҳафтаи то гузаронидани тадқиқот

## I. Ғизои кӯдакон

***Таҷрибаи хӯрондани кӯдакон***

Шири сина манбаи оптималии ҳамаи моддаҳои ғизобахш мебошад, ки барои кӯдакони навзод бисёр зарур аст. Кӯдаконе, ки танҳо шири сина қабул мекунанд, танҳо шири синаро истеъмол мекунанд. Ба таври қатъӣ дар давоми то 6 моҳи ҳаёти кӯдак синамаконӣ тавсия дода мешавад, зеро вай агентҳои касалиовар ба касалиҳои сирояткунанда таъсир расонда метавонад, ҳамчунин тамоми модаҳои ғизобахшро, ки ба кӯдак заруранд таъмин менамояд. Бо афзоиши кӯдак як худи шири сина ба таври кофӣ ғизои кӯдакро таъмин карда наметавонад ва дар ратсиони кӯдак бояд дигар намудҳои моеъ ва ғизоҳо ҳамроҳ карда шавад.

Дар Ҷадвали 11 таҷрибаи синамаконии кӯдакони синамак дар Тоҷикистон инъикос ёфтааст. Маълумотҳо нишон медиҳанд, ки дар байни кӯдакони то 6 моҳа, 94 фоизашон дар ҳолати синамаконӣ қарор доранд. Аммо танҳо аз се як қисми кӯдакони синамак (34 фоиз) ба таври қатъӣ, ҳамон тавре, ки тавсия шудааст шири сина маконда мешаванд. Иловатан ба шири сина, 39 фоизашон оби холис истеъмол кардаанд, 14 фоизашон дигар намуди шир (ғайри шири сина), 2 фоизашон моеи ғайри ширӣ ва 5 фоизашон ғизои иловагӣ (ғизои ғафс ё ним ғафс) истеъмол кардаанд. Гарчанде бештари кӯдакони Тоҷикистон то синни 18 моҳагӣ шири сина мемаканд, қариб ҳамаи онҳо ғизои иловагиро, ба шири сина дар давоми моҳи якуми баъди таваллуд мегиранд.

Муқоисаи нишондиҳандаи қатъии синамаконӣ дар тадқиқоти демографии Тоҷикистон (ТТДТ) дар соли 2012 дар байни кӯдакони то 6 моҳа (34 фоиз) ба ҳамин монанд нишондиҳандаҳои МИКИ-и соли 2005 ( 25 фоиз) доир ҳиссаи афзоиши зоҳиршавандаи кӯдаконе, ки ба таври қатъи дар синамаконӣ қарор доранд (Кумитаи давлатии омор, с 2007) нишон дода мешавад. Ҳангоми муқоиса намудани натиҷаҳои тадқиқоти тиббӣ- демографии соли 2012 бо маълумотҳои тадқиқоти МИКИ қайд кардан лозим аст, ки дар тадқиқоти тиббӣ- демографии Тоҷикистон аз модарон дар бораи намудҳои зиёди ғизоҳои иловагӣ, ки метавонанд ба кӯдак диҳанд, пурсиданд, нисбат ба олне, ки дар соли 2005 дар МИКИ анҷом дода шуда буд.

Ҷадвали 11  Мақоми синамаконӣ вобаста ба синни кӯдак

Тақсими фоизи кӯдакони хуртарини то 2-сола, ки  бо модар мутобиқи мақоми синамаконии зиндагӣ мекунанд, фоизи кӯдакони синамак дар айни замон, ва фоизи ҳамаи кӯдакони сини то 2- сола, ки бутьлкаро бо соска истифода мебаранд,вобаста синнамом бо моҳҳо, тоҷикистон, с 2012

| Синн бо моҳҳо | Тақсими фоизи кӯдакони хурдтарини сини то 2- сола,ки вобаста ба мақоми синамаконӣ бо модар зиндагонӣ мекунанд | | | | | | | Фоизи синамаконӣ дар айни ҳол | Шумораи кӯдакони хурд-тарин дар синни то 2- сола | Фоизи кӯдаконе, ки бутил-каро бо соска истифода мебаранд | Шумораи ҳамаи кӯдакон дар синни то 2- сола |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Синама-конида наме-шавад | Синама-конӣ қатъӣ | Синама-конӣ ва танҳо истеъ-моли оби оддӣ | Синама-конӣ ва истеъ-моли моеъҳои ғайри ширӣ | Синама-конӣ ва истеъ-моли дигар шир | Синама-конӣ ва истеъ-моли ғизои иловагӣ | Ҳамагӣ | | | | |
| 0-1 | 4.6 | 63.6 | 21.7 | 0.0 | 8.4 | 1.8 | 100.0 | 95.4 | 106 | 7.3 | 106 |
| 2-3 | 6.3 | 29.1 | 46.0 | 2.3 | 13.8 | 2.4 | 100.0 | 93.7 | 175 | 29.0 | 176 |
| 4-5 | 5.7 | 20.6 | 43.2 | 3.8 | 18.0 | 8.7 | 100.0 | 94.3 | 160 | 40.3 | 160 |
| 6-8 | 11.5 | 5.9 | 20.3 | 7.3 | 14.0 | 41.0 | 100.0 | 88.5 | 295 | 43.7 | 301 |
| 9-11 | 15.5 | 2.4 | 5.3 | 6.8 | 4.5 | 65.5 | 100.0 | 84.5 | 288 | 42.5 | 290 |
| 12-17 | 25.2 | 0.9 | 2.0 | 3.3 | 1.6 | 66.9 | 100.0 | 74.8 | 518 | 36.1 | 539 |
| 18-23 | 47.3 | 0.5 | 0.3 | 0.8 | 0.8 | 50.3 | 100.0 | 52.7 | 451 | 24.5 | 533 |
| 0-3 | 5.7 | 42.1 | 36.9 | 1.4 | 11.8 | 2.2 | 100.0 | 94.3 | 280 | 20.9 | 282 |
| 0-5 | 5.7 | 34.3 | 39.1 | 2.3 | 14.0 | 4.6 | 100.0 | 94.3 | 440 | 27.9 | 442 |
| 6-9 | 12.1 | 5.2 | 16.3 | 7.9 | 12.4 | 46.0 | 100.0 | 87.9 | 386 | 45.2 | 392 |
| 12-15 | 23.3 | 1.3 | 2.9 | 2.2 | 1.7 | 68.7 | 100.0 | 76.7 | 367 | 39.1 | 378 |
| 12-23 | 35.5 | 0.7 | 1.2 | 2.1 | 1.3 | 59.2 | 100.0 | 64.5 | 968 | 30.3 | 1,072 |
| 20-23 | 50.5 | 0.8 | 0.4 | 0.7 | 0.3 | 47.2 | 100.0 | 49.5 | 296 | 20.6 | 356 |

Эзоҳ: Мақоми синамаконӣ ба, "24-соат"- и гузашта то тадқиқот (дирӯз ва ё шаби гузашта) таалуқ дорад. Кӯдаконе, ки ҳамчун синамак тасниф шудаанд ва танҳо оби оддӣ истеъмол мекунанд ва ҳеҷгуна дигар моеъ ё  иловагии сахт истеъмол накардаанд. Категорияи «синамак не» «қатъиян синамак», «синамакони ва истеъмоли оби оддӣ», «моеи ғайри ширӣ», «дигар шир», ва « ғизои иловагӣ ( хӯроки ғафс (шӯла) ва ним ғафс)» ғизоҳои иерархӣ ва ҳамдигарро истиснокунанда мебошад. Ба ҳамин тартиб фоизи онҳо то 100 ҷамъ карда мешавад. Мушоҳида кунед, кӯдаконе,ки шири сина вамоеи ғайри ширӣ истеъмол мекунанд ва  онҳое,ки дигар ширро истеъмол намекунанд ва ғизои иловагӣ намегиранд, ба категория» моеи ғайриширӣ», ҳатто агар онҳо низ оби оддиро ҳам истифода баранд, дохил мешаванд. Ҳар гунна кӯдаконе, ки ғизои иловагӣ истеъмол мекунанд, то вақте, ки онҳоро сина медиҳанд, ба ин гурӯҳ категория доҳил мешаванд.

[1] Дар худ шарбатҳо, нӯшокиҳо бо шарбат, шӯрбои соф (булён) ё  дигар моеъро дар бар мегирад.

### *Мақоми ғизои кӯдакон*

Тадқиқи ташаккулу инкишоф (Антропометрия) яке аз нишондиҳандаҳои муҳимтарини мақоми ғизои кӯдаконро дар бар мегирад. Ченкунии қаду қомат ва вазни кӯдакони то  5 сола  дар ҳамаи хонаводаҳои[4] барои ТТДТ 2012 интихоб шуда, гузаронида шуд. Маълумотҳо дар бораи қаду қомат ва вазн барои ҳисобу китоби се нишондиҳандаи ҷамъбастии ҳолати ғизои кӯдакон истифода бурда мешаванд: таносуби қаду қомат нисбат ба синну сол, таносуби вазни бадан нисбат ба қаду қомат ва таносуби вазни бадан нисбат ба синну сол. Ин се нишондиҳанда дар арзёбии ҳадду андоза аз манфиат холӣ нестанд, чунки ғизои нокифоя таъсирпазирии кӯдаконро ба касалиҳо ва фавт, зиёд мекунад.

[4] Кӯдакони аз 2 сола калонсолтарро бо қадченкунаки Шорра рост истода, кӯдакони синни то 2 соларо дар ҳолати хобондан, чен карданд. Вазни кӯдакон бо истифода аз  тарозуҳои электронии *Seca* бар кашида шуданд.

Индикаторҳои мақоми ғизо ба фоизи кӯдаконе, ки ба ҳадду ҳудуди воҳидҳои муқарраршудаи тамоюлоти стандартӣ аз медианҳои меъёрҳои байналхалқии ба таври намуна интихоб шуданду ташкилоти умумиҷаҳонии Тандурустӣ (ТУТ) дар соли 2006 тавсия кардааст, ифода меёбанд. Дар кӯдаконе, ки аҳамияти нишондиҳандаҳо аз 2 тамоюли стандартӣ бештар бошанду аз медианҳои тавсияшуда (-2 SD) меъёрҳои байналхалқии намуна популятсия кам бошанд, ҳамчун дорандан ғизои нокифоя арзёбӣ карда мешаванд ва он кӯдаконе, ки тамоюл аз медианҳо камтар аз се тамоюли стандартӣ (-3 SD) бошад, дараҷаи вазнини нокифоягии ғизо дар онҳо мавҷуд аст.

Дар тадқиқоти ТТДТ, ҳамаи кӯдакони синни то 5-сола, ки дар хонаводаҳо истиқомат мекунанд, барои андозагирии қаду қомат ва вазн муносиб буданд. Аз 5422 кӯдакони муносиб ченкунии қаду вазн (яъне дар сини 0-59 моҳагӣ дар лаҳзаи гузаронидани саволу ҷавоб), 94 фоизашон андоза гирифта шуда буданд ва сабти муътамади натиҷаҳо (яъне ҳадду ҳудуди баланд ё паст аз рӯи ҳисоби одилона) –ро доштанд. Дар як фоизи кӯдакон аз сабаби рад кардани волидайн, ҳозир набудан ё бемор будани кӯдак андозагирии қаду қомат ва вазн анҷом дода нашудааст. Боз 5 фоизи кӯдакон, ки сабти қаду қомат вазнашон аз ҳақиқат дур буд, баланд ё паст нишон дода шуда буд, ғалат эътироф карда шуданд. Дар ҷадвали 12 мақоми ғизо ҳамаи кӯдакон бо дурусти ченкунӣ вобаста ба тавсифоти ҷудогонаю асосии демографӣ пешниҳод карда шудааст.

Кӯдаконе, ки аҳамияти нишондиҳандаи қадро нисбат ба сину сол камтар аз тарҳи ду тамоили стандартӣ аз медианҳои намунаи аҳолиро доранд, таваққуфи яъне суст шудани афзоиши қаду қомат ё барои синнашон паст дониста мешаванд. Таваққуф яъне дермонии афзоиши қаду қомат натиҷаи нокифоягии ғизо- хӯрок дар давоми вақту замонӣ тӯлонӣ мебошад, инчунин дар натиҷа тез-тез такрор шудани касалӣ ва мавҷуд будани касалии кӯҳна(хроникӣ) ба вуҷуд меояд. Умуман, 26 фоизи кӯдакон дар синни то 5-солагӣ маъталии афзоиши қаду қоматро доранд; қариб дар ниме аз онҳо маъталии вазнини афзоиши қаду қомат (яъне 10 фоизи ҳамаи кӯдакон) мавҷуд аст. Нишондиҳандаи маъталии афзоиши қаду қомат дар байни кӯдакони хурдсоли гурӯҳҳои синну сол 15 фоизро ташкил медиҳад, то 23 фоизи кӯдакони 6-8 моҳа босуръат рушд ва инкишоф меёбанд, дар ҳоле, ки чун қоида ғизои иловагӣ ҷорӣ карда мешавад, дар 33-34 фоиз дар байни кӯдакони 18-23 ва 24-35 моҳа марҳалаи ниҳоӣ мерасад, баъдан то 23 фоиз дар байни кӯдакони синни 4 сола ва калонтар (48-59 моҳа) кам мешавад. Умуман, кӯдакони аз маҳалҳои аҳолинишини деҳот ва кӯдаконе, ки аз модарони сатҳи таҳсилоташон паст таваллуд шудаанд, бештар ақибмонии афзоиши қаду қомат мушоҳида мешавад.

Кӯдаконе, ки нишондиҳандаи вазни баданашон нисбат ба қаду қомат аз тарҳ камтари 2 тамоили стандартӣ аз медианҳои намунаи аҳолӣ дошта бошанд, ҳамчун дорандаи харобӣ (ё лоғарӣ) мебошанд, арзёбӣ карда мешаванд. Харобию лоғарӣ натиҷаи қатъшавӣ дар истеъмоли ғизои мувофиқ дар давра мебошад, ки бевосита пеш аз оғози тадқиқот мушоҳида шудааст ва бештар натиҷаи касалии ба наздикӣ рӯйдода мебошад, махсусан касалии дарунравӣ ё якбора кам шудани мавҷудияти маҳсулоти хӯрокворӣ мебошад. Дар Тоҷикистон дар лаҳзаи тадқиқот 10 фоизи кӯдакон аз харобию лоғарӣ азият мекашиданд ва 4 фоизи кӯдакон дараҷаи вазнини харобию лоғарӣ доштанд. Умуман, харобию лоғарии бештар паҳншудатарин дар байни кӯдакони то 18 моҳа ва кӯдаконе, ки аз модарони бештар сатҳи таҳсилоташон паст таваллуд шудаанд, мушоҳида шуд. Паҳншавии ақибмонӣ дар вазн дар байни кӯдакони аз 6 моҳа хурд (23 фоиз) ва кӯдакони синни 6-8 моҳа (18 фоиз), аз рӯи арзёбии умумимиллӣ, ки 10 фоизро ташкил медиҳанд, 2 баробар зиёд аст.

## Ҷадвали 12 Мақоми ғизои кӯдакон

Фоизи кӯдакони синни то 5 сола, ки хӯрокашон кофӣ нест, аз руӣ се нишондиҳандаи андозагирии қаду вазн ва нисбат ба синну сол, вобаста ба тавсифоти асосӣ оварда мешавад, Тоҷикистон, с 2012

| | Қад нисбат ба синну сол[1] | | | Вазни бадан нисбат ба қад | | | | Вазни бадан нисбат ба синну сол | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Тавсифи асосӣ | Фоизи пастар аз -3 SD | Фоизи пастар аз -2 SD[2] | Бузургии миёна Z- (SD) | Фоизи пастар аз -3 SD | Фоизи пастар аз -2 SD[2] | Фоизи балан-тар +2 SD | Бузургии миёна z(SD) | Фоизи пастар аз -3 SD | Фоизи пастар аз -2 SD[2] | Фоизи балан-тар +2 SD | Бузургии миёна Z- (SD) | Шумораи кӯдакон |
| Син бо моҳҳо | | | | | | | | | | | | |
| <6 | 5.3 | 15.2 | 0.0 | 10.8 | 23.0 | 5.4 | -0.8 | 4.7 | 13.9 | 2.9 | -0.6 | 427 |
| 6-8 | 13.1 | 22.6 | -0.5 | 9.7 | 17.8 | 8.3 | -0.5 | 6.2 | 15.0 | 2.1 | -0.8 | 302 |
| 9-11 | 7.5 | 19.9 | -0.7 | 4.9 | 14.2 | 6.7 | -0.4 | 2.8 | 9.7 | 1.5 | -0.8 | 288 |
| 12-17 | 8.1 | 19.8 | -1.0 | 3.9 | 14.9 | 5.2 | -0.5 | 4.3 | 14.4 | 0.6 | -0.8 | 529 |
| 18-23 | 12.6 | 32.4 | -1.4 | 1.8 | 7.6 | 5.2 | -0.1 | 3.9 | 14.0 | 1.1 | -0.8 | 545 |
| 24-35 | 11.6 | 33.8 | -1.5 | 3.0 | 7.5 | 5.6 | -0.0 | 4.4 | 12.5 | 0.7 | -0.8 | 1,142 |
| 36-47 | 9.9 | 27.9 | -1.3 | 1.4 | 4.7 | 7.0 | 0.1 | 2.0 | 10.4 | 0.5 | -0.7 | 964 |
| 48-59 | 7.8 | 22.8 | -1.3 | 3.2 | 6.7 | 5.0 | -0.2 | 2.8 | 10.1 | 0.3 | -0.9 | 882 |
| **Ҷинсият** | | | | | | | | | | | | |
| Мард | 9.8 | 25.5 | -1.1 | 4.1 | 9.9 | 6.1 | -0.2 | 3.3 | 12.3 | 1.0 | -0.8 | 2,575 |
| Зан | 9.6 | 26.8 | -1.1 | 3.7 | 10.0 | 5.6 | -0.2 | 4.0 | 11.9 | 0.9 | -0.8 | 2,505 |
| **Маҳалли истиқомат** | | | | | | | | | | | | |
| Шаҳр | 7.8 | 21.4 | -0.9 | 3.8 | 9.9 | 5.5 | -0.3 | 2.7 | 10.7 | 1.3 | -0.7 | 1,092 |
| Деҳа | 10.2 | 27.4 | -1.2 | 3.9 | 9.9 | 6.0 | -0.2 | 3.9 | 12.5 | 0.8 | -0.8 | 3,988 |
| **Минтақа** | | | | | | | | | | | | |
| ВМКБ | 9.1 | 24.3 | -1.0 | 2.2 | 8.1 | 1.1 | -0.4 | 2.5 | 13.0 | 0.2 | -0.8 | 93 |
| Вилояти Суғд | 11.7 | 27.2 | -1.2 | 3.9 | 8.4 | 11.8 | 0.1 | 3.3 | 10.4 | 1.1 | -0.6 | 1,365 |
| Вилояти Хатлон | 9.6 | 26.9 | -1.2 | 4.1 | 11.1 | 3.0 | -0.4 | 4.2 | 13.5 | 0.5 | -0.9 | 1,934 |
| Душанбе | 7.4 | 18.9 | -0.7 | 3.8 | 10.3 | 5.4 | -0.3 | 3.1 | 9.3 | 1.4 | -0.6 | 392 |
| НТҶ | 8.5 | 26.3 | -1.1 | 3.7 | 9.8 | 4.3 | -0.3 | 3.5 | 12.7 | 1.3 | -0.8 | 1,296 |
| **FTF[3] ноҳияҳои интихобшуда** | 8.1 | 24.6 | -1.1 | 5.0 | 11.2 | 3.3 | -0.4 | 5.0 | 13.1 | 0.6 | -0.9 | 782 |
| **Таҳсилоти модарон** | | | | | | | | | | | | |
| Маълумот надоранд\ ибтидоӣ | 11.1 | 27.6 | -1.3 | 5.3 | 13.5 | 3.6 | -0.5 | 7.0 | 19.0 | 0.2 | -1.1 | 416 |
| Умумии асосӣ | 9.9 | 27.2 | -1.2 | 4.6 | 10.1 | 4.6 | -0.3 | 3.9 | 12.5 | 0.6 | -0.8 | 1,981 |
| Умумии миёна | 9.5 | 26.4 | -1.2 | 3.1 | 9.4 | 7.1 | -0.1 | 2.8 | 10.9 | 1.3 | -0.7 | 2,080 |
| Ибтидоии касбӣ /миёна | 6.8 | 21.3 | -0.9 | 2.6 | 7.6 | 5.9 | -0.2 | 3.0 | 10.3 | 0.5 | -0.7 | 296 |
| Олӣ | 8.0 | 17.2 | -0.7 | 4.4 | 9.3 | 10.4 | -0.1 | 3.0 | 7.9 | 1.9 | -0.5 | 245 |
| **Мақоми пурсиши модар[4]** | | | | | | | | | | | | |
| Модар пурсида шуд | 9.6 | 26.1 | -1.1 | 4.0 | 10.0 | 5.8 | -0.2 | 3.6 | 12.1 | 1.0 | -0.8 | 4,957 |
| Модар пурсида нашуд, вале дар хонавода мебошад | 5.5 | 25.9 | -1.3 | 0.0 | 2.6 | 13.8 | 0.1 | 2.6 | 5.9 | 0.0 | -0.7 | 62 |
| Модар пурсида нашуд дар хонавода нест[5] | 23.6 | 33.9 | -1.3 | 0.0 | 13.7 | 3.4 | -0.4 | 7.5 | 20.2 | 0.0 | -1.1 | 61 |
| Ҳамагӣ | 9.7 | 26.2 | -1.1 | 3.9 | 9.9 | 5.9 | -0.2 | 3.7 | 12.1 | 0.9 | -0.8 | 5,080 |

Эзоҳ: Ҷадвал бо кӯдаконе асоснок карда шудааст, ки то гузаронидани тадқиқот шабро дар хонавода гузаронидаанд. Ҳар як нишондиҳанда бо воҳидҳои аҳамияти тамоюлоти стандартӣ (SD) аз медиянҳои меъёрҳои ТУТ барои арзёбии инкишофи кӯдакон, ки соли 2006 қабул шуда будаанд, ифода карда мешавад. Индексҳодар ҷадвали мазкур, ба онҳое, ки ба меъёрҳои пештараи NCHS/CDC/WHO аз соли 1977 истифодашуда асоснок карда шуда буданд, муқоисанашаванда мебошанд. Ҷадвал ба кӯдаконе, ки санаҳои ҳақиқии таваллудашон (моҳу сол) мутобиқат мекунад ва нишондиҳандаҳои қаду қомат ва вазнашон аниқ аст, асоснок карда шудааст.

1.Баландии қади кӯдакон синни то 2-сола ( то 85-см) дар ҳолати хоб рафтан чен карда мешавад; қади бадани ҳамаи кӯдакони боқимонда дар ҳолати ростона чен карда мешавад.

2. Кӯдакони бо -3 SD- ро аз медианҳои популятсияи камукатси ТУТ барои арзёбии қаду қомати кӯдакон ҳамроҳ мекунад.

3.Маълумотҳо дар асоси иттилооти аз хонаводаҳои аз 12 ноҳияи озмоиши интихобшуда барномаи 'Feed the Future Initiative' (FTF)-и вилояти Хатлон ҷамъоваришуда асоснок карда шудаанд.

4. Барои занҳое, ки пурсида нашудаанд, иттилоот аз корти (анкетаи) хонавода гирифташудаанд. Кӯдаконе, ки ба рӯйхати аъзоёни хонавода ба корти (анкетаи) хонавода модарони онҳо дохил карда нашудаанд, хориҷ карда мешаванд.

5. Ҷадвал кӯдаконе, ки модаронашон фавтидаанд дар бар мегирад.

Кӯдаконе, ки нишондиҳандаи вазни баданашон нисбат ба қаду қомат аз медианҳои муайяни аҳолӣ ду тамоюли стандартӣ бошад, ин ба вазни иловагӣ (яъне фарбеҳӣ) дохил

мешаванд. Дар Тоҷикистон, танҳо 6 фоизи кӯдакон дар лаҳзаи гузаронидани тадқиқот вазни зиёдатӣ доштанд. Ба сохтори ҷуғрофӣ назар андохта, мушоҳида менамоем, ки нисбат ба 5 фоизи кӯдакони дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ё камтар 12 фоизи кӯдакони вилояти Суғд вазни зиёдатӣ доранд. Кӯдаконе, ки аз модарони дорои таҳсилоти олӣ таваллудшуда нисбат ба кӯдакони аз модарони дорои таҳсилоти асосӣ ва ё миёнаи (пурра) ду баробар фарбеҳтаранд (мутобиқан 10 фоиз ва 5 фоизро ташкил медиҳанд).

Кӯдаконе, ки нишондиҳандаи вазни баданашон нисбат ба синну сол аз медианҳои меъёрҳои аҳолӣ ду тамоюли тандартӣ камтар бошад, ҳамчун вазнашон камтарин ба ҳисоб гирифта мешаванд. Ин нишондиҳанда, ҳамчун ҷиддӣ, ҳамчун ба таври кофӣ набудани ғизо-хӯроки кӯдакон арзёбӣ карда мешавад. Умуман, 12 фоизи кӯдакон вазни кофӣ надоранд. Кӯдаконе, ки аз модарони таҳсилоташон хеле паст таваллуд шудаанд, эҳтимолияти онро доранд, ки мақоми ғизои онҳо нисбат ба кӯдаконе, ки аз модарони таҳсилоташон нисбатан баланд таваллуд шудаанд, он қадар хуб нест. Кӯдакони синни то 5 сола дар вилояти Хатлон, ВМКБ, НТҶ нисбат ба кӯдакони дигар минтақаҳо эҳтимолияти зиёди вазни нокифояи баданро, доро мебошанд.

Дар тадқиқоти ТМИК соли 2005 аз кӯдакон низ маълумоту иттилоот дар бораи қаду қомат ва вазн барои арзёбии ҳолати ғизо-хӯроки кӯдакон ҷамъоварӣ карда шуда буд. Вале, дар он вақт, барои ҳисобу китоби нишондиҳандаҳои маъталии афзоиши қаду қомат, харобию лоғарӣ ва кам будани вазни бадан стандартҳои Маркази Миллии Омори Тиббӣ [National Center for Health Statistics (NCHS)] истифода бурда шуданд. Ба ҳамин тартиб барои инъикоси тамоюли ҳолати ғизои-хӯроки кӯдакон дар расми 3, нишондиҳандаи мақоми ғизои соли ТТДТ 2012 бо ёрии меъёрҳои кӯҳнаи тақсимот NCHS бозҳисобӣ карда шуданд.

Расми 3 нишон медиҳад, ки ҳиссаи кӯдакони қаду қоматашон пасти то 5 сола аз 27 фоизи соли 2005 то ба 21 фоиз дар соли 2012 кам шудааст. Ҳиссаи кӯдакони вазни баданашон ками то 5 сола хеле кам мушоҳида шуд, аз 17 фоизи соли 2005 то 16 фоиз дар соли 2012 мушоҳида шуд. Ҳиссаи кӯдаконе, ки хеле харобу лоғаранд, аз 7 фоизи соли 2005 то 9 фоиз дар соли 2012 афзудааст (Кумитаи давлатии омор 2007).

Ба ҳамин тартиб, ба истисноӣ баъзе пешравиҳо дар паҳншавии ками қаду қомат, муқоисаи нишондиҳандаҳои МИКИ ва ТТДТ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ҳолати ғизои-хӯроки кӯдакони синни то 5 сола дар ҳафт соли охир, ки дар байни ин тадқиқотҳо гузашт, тағйироти кам мушоҳида мешавад.

***Расми 3* Дараҷаи тағйири мақоми ғизои кӯдакони синни то 5 сола**




Эзоҳ: Маълумотҳо ба кӯдаконе, ки шабро дар хонавода пеш аз гузаронидани пурсиш гузаронидаанду санаи мӯътамади таваллуд (моҳу соли аниқ) доранд ва нишондиҳандаҳои аниқи қаду қомат ва вазнашон мувофиқи стандартҳои меъёри популятсияҳои NCHS/CDC/WHO мебошанд асоснок карда шудаанд.

## J. ВНМО/СПИД

*Донистан дар бораи ВНМО\(ВИЧ/СПИД)*

Ба ТТДТ 2012 як қатор саволҳои вобаста ба бохабар будани занҳо дар бораи вируси норасоии масунияти одам (ВНМО) ва СПИД ҳамроҳ карда шудааст. Бо мусоҳибоне, ки дар бораи ВНМО/СПИД шунидаанд, оид ба усулҳои пешгирӣ аз ин касалӣ савол дода шуд. Дар ҷадвалҳои 13 ва 14 ҷавобҳо ба ин саволҳо пешниҳод карда шудаанд.

Ҷадвали 13 нишон медиҳад, ки умуман бештар аз шаш мусоҳиб аз даҳ мусоҳиб дар бораи ВНМО\СПИД шунидаанд. Бо хабар будан дар бораи ВНМО\СПИД дар байни ҷавонзанон, занони деҳот ва дар байни занҳои таҳсилоташон паст хеле кам ва паст мебошад. Шумораи камтарини занҳое, ки дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ инчунин дар вилояти Хатлон ва дар шаҳри Душанбе назаррас буда зиндагӣ мекунанд, нисбат ба занҳои ВМКБ ва вилояти Суғд хеле кам бохабаранд. Бохабар будан дар бораи ВНМО\СПИД дар байни заноне, ки дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ зиндагонӣ мекунанд, занҳои синни 15-19 сола ва занҳое, ки сатҳи таҳсилоташон ибтидоӣ аст ё бесаводанд, то 50 фоиз мефарояд.

Дониши занҳо дар бораи ВИЧ дар ҳафт соли охир ба таври назаррас беҳтар шудааст, аз 42 фоизи соли 2005 МИКИ (Кумитаи давлатии омор, с 2007) то ба 62 фоиз дар ТТДТ 2012 беҳтар шудааст; бо вуҷуди ин мисли пештара ташвишовар аст, чунки аз даҳ зани Тоҷикистон қариб чор нафарашон ҳанӯз дар бораи ВНМО (ВИЧ/СПИД) нашунидаанд.

Ҷадвали 13 Донистан дар бораи ВНМО (СПИД)

Фоизи занҳои сини 15-49 сола, ки дар бораи ВНМО (СПИД) шунидаанд, вобаста ба тавсифоти асосӣ Тоҷикистон, с 2012

| Тавсифоти асосӣ | Дар бораи СПИД шунидаанд | Шумораи занҳо |
|---|---|---|
| **Синну сол** | | |
| 15-24 | 51.2 | 3,963 |
| 15-19 | 43.3 | 2,013 |
| 20-24 | 59.3 | 1,950 |
| 25-29 | 64.3 | 1,609 |
| 30-39 | 70.9 | 2,217 |
| 40-49 | 70.2 | 1,866 |
| **Вазъияти оилавӣ** | | |
| Ҳеҷ вақт дар ақди никоҳ набуд | 47.9 | 2,648 |
| Шавҳардор/якҷо зиндагӣ дорад | 66.6 | 6,504 |
| Ҷудо шудааст/алоҳида зиндагӣ дорад/бева | 67.9 | 504 |
| **Ҷои истиқомат** | | |
| Шаҳр | 72.1 | 2,413 |
| Деҳа | 58.0 | 7,243 |
| **Минтақа** | | |
| ВМКБ | 77.1 | 220 |
| Вилояти Суғд | 77.6 | 2,872 |
| Вилояти Хатлон | 56.5 | 3,444 |
| Ш, Душанбе | 64.4 | 881 |
| НТҶ | 46.1 | 2,240 |
| **Таҳсилот** | | |
| Маълумот надорад/ ибтидоӣ | 34.9 | 567 |
| Таҳсилоти асосӣ | 49.5 | 3,349 |
| Таҳсилоти миёна | 65.3 | 4,474 |
| Таҳсилоти ибтидоӣ / миёна/ касбӣ | 91.3 | 645 |
| Таҳсилоти олӣ | 92.8 | 620 |
| Ҳамагӣ | 61.6 | 9,656 |

Ҷадвали 14 фоизи занҳое, ки дар ҷавоб ба саволҳои донишро бо як чанд усулҳои мушаххаси пешгирӣ аз ВНМО (СПИД) намоиш доданд, нишон медиҳанд. Умуман, аз ҳама бештар усули маъмули пешгирии сироятпазирии ВНМО (ВИЧ/СПИД), алоқаи ҷинсӣ танҳо бо як шарик (ҳамсар), бо шарике, ки бо ВНМО (ВИЧ/СПИД) заҳролуд набошад, (43 фоиз) мебошад. Ҳиссаи занҳое, ки истифодаи рифоларо барои пешгирии ВНМО (ВИЧ/СПИД) эътироф кардаанд, 36 фоизро ташкил медиҳанд. Қариб аз се зан як нафар (33 фоиз) хабар доранд, ки истифодаи рифола ва алоқаи ҷинсӣ танҳо бо як шарике, ки бо ВНМО (ВИЧ/СПИД) заҳролуд нестанд, хавфи заҳролудшавӣ аз ВНМО (ВИЧ/СПИД)-ро аз байн мебарад.

Занҳои ҷавоне, ки ҳеҷ гоҳ дар қайди никоҳ набудаанд, яъне мусоҳибон, хеле кам дар бораи пешгирии заҳролудшавӣ аз ВНМО (ВИЧ) нисбат ба занҳои калонсолтар, мусоҳибон, ки қаблан дар ақди никоҳ буданд, маълумот доранд. Занҳои шаҳрӣ эҳтимолияти бештари бохабар буданро дар бораи таҷрибаи алоқаи ҷинсии бехавфро нисбат ба занҳое, ки дар деҳот зиндагӣ мекунанд, хубтар медонанд. Ҳангоме, ки ба хусусиятҳои минтақавӣ назар меандозем, мушоҳида мешавад, ки сатҳи дониш дар бораи алоқаи ҷинсии бехатар дар НТҶ аз ҳама паст ва дар ВМКБ аз ҳама баланд аст.

Ҷадвали 14 Донистан дар бораи роҳҳои пешгирии заҳролудшавӣ аз ВНМО (ВИЧ)

Фоизи занҳои синни 15-49-сола ба саволҳо ҷавоб доданд, ки одамон метавонанд бо роҳи истифодаи ғилофакҳои резинӣ ҳар дафъае, ки онҳо ба алоқаи ҷинсӣ машғул мешаванд ва бо роҳи мавҷуд будани як шарики алоқаи ҷинсӣ, ки вай заҳролуднест ва дигар шарик надорад, вобаста ба таснифоти асосӣ хавфи заҳролудшавии ВИЧ-ро паст кунад. Тоҷикистон, соли 2012

| Тавсифи асосӣ | Фоизи занҳое,ки ҷавоб доданд, аз ВИЧ имконияти раҳоӣ ёфта вуҷуд дорад | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Бо истифода аз рифола[1] | Маҳдуд кардани алоқаи ҷинсӣ танҳо бо як шарики солим[2] | Бо истифода аз рифолаҳо ва маҳдуд кардани алоқаи ҷинсӣ танҳо бо як шарики солим[1,2] | Шумораи занҳо |
| **Синну сол** | | | | |
| 15-24 | 28,3 | 33,4 | 25,1 | 3,963 |
| 15-19 | 21,3 | 25,2 | 18,6 | 2,013 |
| 20-24 | 35,5 | 41,8 | 31,8 | 1,950 |
| 25-29 | 40,2 | 46,1 | 36,5 | 1,609 |
| 30-39 | 44,2 | 50,8 | 40,0 | 2,217 |
| 40-49 | 41,1 | 51,6 | 37,6 | 1,866 |
| **Вазъияти оилавӣ** | | | | |
| Ҳеҷ вақт дар ақди никоҳ набуд | 24,1 | 29,6 | 21,6 | 2,648 |
| Шавҳардор/якҷоя зиндагӣ дорад | 41,1 | 47,9 | 37,2 | 6,504 |
| Ҷудо шудааст/алоҳида зиндагӣ дорад/бева | 40,1 | 50,7 | 36,4 | 504 |
| **Ҷои истиқомат** | | | | |
| Шаҳр | 42,1 | 49,7 | 37,1 | 2,413 |
| Деҳа | 34,5 | 40,8 | 31,4 | 7,243 |
| **Минтақа** | | | | |
| ВМКБ | 47,3 | 67,7 | 44,1 | 220 |
| Вилояти Суғд | 44,9 | 51,5 | 39,4 | 2,872 |
| Вилояти Хатлон | 34,1 | 40,8 | 30,8 | 3,444 |
| ш. Душанбе | 37,3 | 43,1 | 33,4 | 881 |
| НТҶ | 27,7 | 33,0 | 26,3 | 2,240 |
| **Таҳсилот** | | | | |
| Маълумот надорад/ ибтидоӣ | 18,5 | 22,8 | 17,1 | 567 |
| Таҳсилоти асосӣ | 26,7 | 31,4 | 23,4 | 3,349 |
| Таҳсилоти миёна | 38,1 | 45,4 | 34,6 | 4,474 |
| Таҳсилоти ибтидоӣ / миёна/ касбӣ | 60,2 | 69,7 | 55,0 | 645 |
| Таҳсилоти олӣ | 68,2 | 78,8 | 62,9 | 620 |
| Ҳамагӣ | 36,4 | 43,0 | 32,9 | 9,656 |

[1] Дар мавриди ҳар дафъаи алоқаи ҷинсӣ рифола истифода мебарад
[2] Шарике, ки дигар шарик надорад

Дар байни сатҳи таҳсилоти мусоҳибзанон ва донистани ӯ дар бораи усулҳои табобату пешгирӣ аз заҳролудшавии ВНМО (ВИЧ) алоқамандии зичи мусбат ба қайд гирифта мешавад. Масалан, 23 фоизи занҳои дорои сатҳи умумии таҳсилоти асосӣ чунин мешуморанд, ки хавфи заҳролудшавӣ аз ВИЧ-ро бо ёрии истифодаи рифола ва мавҷуд будани танҳо як шарики алоқаи ҷинсии солим дар муқоиса нисбат ба 63 фоизи занҳое, ки таҳсилоти олӣ доранд, кам кардан мумкин аст.

Умуман, дониши занҳо дар бораи усулҳои табобату пешгирии ВНМО (ВИЧ) дар сатҳи умумимиллӣ дар ҳафт соли охир ба таври назаррас беҳтар шудааст, агар бо натиҷаҳои ТМИК 2005 муқоиса карда шавад, ҳангоми истифодаи рифола ва маҳдуд кардани шумораи алоқаи ҷинсӣ бо як шарики солим мутобиқан 21 ва 25 фоизро ташкил кардаанд (Кумитаи давлатии омор, 2007).

***Шарикони зиёди алоқаи ҷинсӣ ва истифодаи рифола***

Бо назардошти он ки ВНМО (ВИЧ)-и сирояткунанда дар байни занҳои Тоҷикистон асосан ба воситаи муносибатҳои алоқаи ҷинсӣ мегузарад, мавҷудияти маълумотҳо дар бораи алоқаи ҷинсӣ дар таҳия ва омӯзиши барномаҳои табобатию пешгирӣ оид ба паҳншавии ин бемори(эпидемия) нақши муҳим мебозад. Дар ҳолати табобату пешгирии (профилактикаи) ВНМО (ВИЧ/СПИД), маҳдуд кардани алоқаи ҷинсӣ бо шарикон ва риоя намудани таҷрибаи алоқаи ҷинсии бехатару безарар дар мубориза бо ин эпидемия аҳамияти ҳалкунанда дорад.

Дар ТТДТ 2012 Тоҷикистон саволҳо дар бораи шарикони алоқаи ҷинсии занҳои мусоҳиб, ки онҳо дар давоми 12 моҳи пеш аз тадқиқот доштаанд, дохил шуда буданд. Ҳамчунин, дар бораи истифодаи рифола ҳангоми алоқаи ҷинсии охирин маълумотҳо ҷамъоварӣ карда шуданд. Ҳамчунин, оид ба фаъолияти алоқаи ҷинсӣ ба занҳо дар бораи шумораи умумии шариконашон, ки онҳо дар давоми ҳаёташон доштанд, саволҳо дода шуданд. Ин саволҳо албатта, масъалаи бисёр нозук буда, ҳангоми шарҳу тафсири натиҷаҳо дар ин фасл, дар хотир бояд дошт, ки ҷавоби мусоҳибон, пеш аз ҳама, дар баъзе мавридҳо то андозае асоснок нестанд. Дар ҷадвали 15 нишондода шудааст, ки қариб зане нест, ки дар бораи мавҷудияти беш аз як шарики алоқаи ҷинсӣ дар давоми давраи ҳисобот хабар дода бошад. Аз шумораи мусоҳибони пурсидашуда, ки ягон вақт алоқаи ҷинсӣ доштанд, шумораи миёнаи шарикони алоқаи ҷинсӣ дар давоми ҳаёташон 1.0 нафарро ташкил дод.

Ҷадвали 15 Шарикони зиёд оид ба алоқаи ҷинсӣ дар давоми 12 моҳи охир

Дар байни ҳамаи занҳои синни 15-49 сола, фоизи занҳое, ки бо беш аз як шарики алоқаи ҷинсӣ дар давоми 12 моҳи охир доранд ва шумораи миёнаи шарикони алоқаи ҷинсӣ дар давоми ҳаёти занҳо, ё ки ягон вақт алоқаи ҷинсӣ доштанд, вобаста ба таснифоти асосӣ, Тоҷикистон 2012

| Тавсифи асосӣ | Ҳамаи занҳо: Фоизи занҳое, ки дар ҳар кадоме аз онҳо 2+ шарик дар 12 моҳи охир доштанд | Ҳамаи занҳо: Шумораи занҳо | Аз ҳамаи занҳое, ки ягон вақт алоқаи ҷинсӣ доштанд[1]: Шумораи миёнаи шарикони алоқаи ҷинсӣ дар давоми ҳаёти занҳо | Аз ҳамаи занҳое, ки ягон вақт алоқаи ҷинсӣ доштанд[1]: Шумораи занҳо |
|---|---|---|---|---|
| **Синну сол** | | | | |
| 15-24 | 0.0 | 3,963 | 1.0 | 1,643 |
| 15-19 | 0.0 | 2,013 | 1.0 | 268 |
| 20-24 | 0.0 | 1,950 | 1.0 | 1,375 |
| 25-29 | 0.0 | 1,609 | 1.0 | 1,402 |
| 30-39 | 0.2 | 2,217 | 1.1 | 2,106 |
| 40-49 | 0.0 | 1,866 | 1.1 | 1,846 |
| **Вазъияти оилавӣ** | | | | |
| Ҳеҷ вақт дар ақди никоҳ набуд | 0.0 | 2,648 | * | 0 |
| Шавҳардор/якҷоя зиндагӣ дорад | 0.0 | 6,504 | 1.0 | 6,493 |
| Ҷудо шудааст/алоҳида зиндагӣ дорад/бева | 0.5 | 504 | 1.1 | 504 |
| **Ҷои истиқомат** | | | | |
| Шаҳр | 0.1 | 2,413 | 1.1 | 1,755 |
| Деҳа | 0.0 | 7,243 | 1.0 | 5,241 |
| **Минтақа** | | | | |
| ВМКБ | 0.0 | 220 | 1.0 | 138 |
| Вилояти Суғд | 0.0 | 2,872 | 1.1 | 2,145 |
| Вилояти Хатлон | 0.1 | 3,444 | 1.0 | 2,409 |
| Ш. Душанбе | 0.1 | 881 | 1.1 | 633 |
| НТҶ | 0.0 | 2,240 | 1.0 | 1,672 |
| **Таҳсилот** | | | | |
| Маълумот надоранд/ ибтидоӣ | 0.0 | 567 | 1.0 | 391 |
| Таҳсилоти асосӣ | 0.0 | 3,349 | 1.0 | 2,150 |
| Таҳсилоти миёна | 0.1 | 4,474 | 1.0 | 3,499 |
| Таҳсилоти ибтидоӣ / миёна/ касбӣ | 0.0 | 645 | 1.0 | 518 |
| Таҳсилоти олӣ | 0.2 | 620 | 1.1 | 440 |
| Ҳамагӣ | 0.0 | 9,656 | 1.0 | 6,997 |

Эзоҳот: Ситорача онро мефаҳмонад, ки маълумотҳо ба камтар аз 25 ҳодисаи барнакашидашуда асоснок карда шудаанд, бинобар ин истисно карда шудаанд.
[1] Нишондиҳандаи миёна бе назардошти он мусоҳибоне ҳисоб карда шуданд, ки онҳо ҷавобҳои ғайришумораві додаанд.

## АДАБИЁТҲО


Агентии омори (АО) назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2012. *Аҳолии Тоҷикистон то 01.01.2012,* Душанбе, Тоҷикистон.

Институти Тандурусти Ҷамъияти Афғонистон, Вазорати Тандурустии Афғонистон (НТҶА/ВТА), Созмони Маркази Оморӣ (СМО)-и Афғонистон, *ICF Macro*, Институти Илмӣ-Тадқиқотӣ Тандурустии Ҳиндустон (ИИТТҲ), Бюрои Минтақавии Мамлакатҳои Шарқӣ Баҳри Миёназамин ТУТ (БММШБМЗ/ТУТ) [Миср], соли 2011. *Тадқиқот оид ба вафт дар Афғонистон с. 2010.,* Калвертон, Мэриленд, ИМАСША: АИОЗ/ВТ, ЦСО, *ICF Macro*, *IIHMR* ва РБВС/СУТ.

Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ, (ТУТ), соли 1993. Таснифоти байналхалқии бемориҳо ва проблемаҳое, ки ба саломатӣ алоқамананд, таҳрири 10-ум, Женева, Швейтсария: ТУТ.

Кумитаи давлатии Озарбойҷон (КДО) ва Macro International Inc соли 2008. *Тадқиқоти тиббӣ-демографӣ Озарбойҷон, с 2006,* Калвертон, Мэриленд, ИМА: Кумитаи давлатии омор ва Macro International Inc.

Кумитаи давлатии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон, (КДО) , с . 2007 . Тадқиқоти Мулти-Индикатори Кластерии Тоҷикистон с, 2005, Ҳисоботи ҷамъбастӣ. Душанбе, Тоҷикистон: Кумитаи давлатии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Гурӯҳи Тадқиқоти бисёрмарказӣ оид ба таҳияи маълумотномаи нишондиҳандаҳои рушди ТУТ, с 2006. *Меъёрҳои ТУТ барои арзёбии қаду қоматии кӯдакон: баландӣ/қаду қомат нисбат ба синну сол; вазни бадан нисбат ба синну сол; вазни бадан нисбат ба қад ва индекси вазни бадан (ИВБ) нисбат ба синну сол; усулҳо ва рушд,* Женева, (ТУТ).

Маркази таҳлилу иттилооти Вазорати Тандурустии Ҷумҳурии Узбекистон. Идораи давлатии омор, вазорати макроиқтисодӣ ва оморӣ (Узбекистон) ва *ORC Macro*, соли 2004. *Тадқиқот Вазъи саломатии аҳолии Ӯзбекистон, с 2002*, Калвертон, Мэриленд, ИМА: Маркази Таҳлилу Иттилоот, Идораи Давлатии Омор ва *ORC Macro*.

Вазорати Тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2001. *фармони ВТ ҶТ аз 10.04 соли.2001, №136 «Дар бораи қисман тағйиру илоа бо фармони ВТ ҶТ аз 07.12. соли 1993, №484 «Дар бораи такумулоти чорабиниҳо оид ба профилактикаи инфексия бо вактсина идорашаванда»,* Душанбе, Тоҷикистон.

Вазорати Тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2008. *Фармони ВТ ҶТ аз 18.01.соли 2008., №21 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо бо фармони ВТ ҶТ аз 10.04. соли 2001., №136 «Дар бораи такамул додани чорабиниҳо оид ба профилактикаи инфексия бо вактсина идорашаванда»,* Душанбе, Тоҷикистон.

Вазорати Тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2009. *Фармони Вазорати Тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.03 соли.2009, №184 « Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо бо фармони ВТ ҶТ аз 10.04. соли 2001., №136 « Дар бораи такмил додани оид ба профилактикаи инфексия бо вактсина идорашаванда»,* Душанбе, Тоҷикистон.

Институти Миллии Тадқиқоти Демографии Покистон ва *Macro International Inc*, соли 2008, ва *Macro International Inc.соли 2008. Тадқиқоти Тиббӣ-Демографии Покистон соли 2006-07.* Исломобод, Покистон: Институти миллии Тадқиқоти демографии Покистон ва макро интернатсионал ИНГ ва *Macro International Inc.*

Маркази илмӣ-амалии миллии профелактикии тиббӣ (МИАМПТ) [Молдава] ва ORC Macro, соли 2006 . *Тадқиқоти тиббӣ-демографии Молдава соли 2005*, Калвертон, Мэриленд, ИМА: ММПТ ва *ORC Macro*.

Хадамоти миллии оморӣ (ХМОА) [Арманистон], Вазорати Тандурустӣ (ВТ) ва ICF International, соли 2012 ., *Тадқиқоти тиббӣ-демографии Арманистон соли 2010*. Калвертон, Мэриленд, ИМА: Хадамоти миллии оморӣ, Вазорати Тандурустӣ ва *ICF International.*

Хоҷамуродов Г, Речел Б., Тоҷикистон: Хулосаи низоми тандурустӣ, низоми тандурустӣ дар давраи гузариш, соли 2010 , 12 (2):1-154.

Маркази Ислоҳоти Иҷтимоии Украина (МИИУ), Кумитаи давлатии омори (КДО) [Украина], Вазорати тандурустӣ (ВТ) [Украина] ва *Macro International Inc* соли 2008. *Тадқиқоти тиббӣ-демографии Украина соли 2007*, Калвертон, иёлоти Мэриленд, ИМА: МИИУ ва *Macro International Inc*.

**ТАДҚИҚОТИ ТИББӢ-ДЕМОГРАФИИ**
**ТОҶИКИСТОН 2012**

**ҲИСОБОТИ ПЕШАКӢ**

***Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон***
***ш. Душанбе, куч. Бохтар, 17***

| | |
|---|---|
| *Масъули чопи маҷмӯа:* | *Қулов А.Н. – сардори раёсати омори демографӣ, шуғли аҳолӣ ва омори иҷтимоӣ* <br> *Тел. 221-49-91* |
| *Барои нашри маҷмӯа:* | *Силемуншоев Н.С. – Сардори МКҲ Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон* <br> *тел.227-96-09* |
| *Чопи компютери ва дизайн:* | *Қулов А.Н.* <br> *Гукасова Т.П.* |
| *Тарҷумон:* | *Шералиев Ш.А.* |

*Фармоиши № 37*
*Адади нашр 100 нусха*
*Ба чоп супорида шуд*

---

*РМТ МКҲ Агентии омори назди Президенти*
*Ҷумҳурии Тоҷикистон*